ОҚОХОНИ V. ИМОМИ 50-УМИ ИСМОИЛИЁН КИСТ? с. 4
БАРҚ БОЗ ҚИМАТ МЕШАВАД? с. 2
ДӮЗАХ НАЗДИК АСТ? с. 7

ТОҶИКИСТОН
№7 (1621), 12.02.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992





# МУШКИЛИ №1

Сироҷиддин Муҳриддин онро ҳал мекунад?




## ДАР ИН ШУМОРА:

**ХАТЛОН**
Таъсиси беш аз 71 ҳазор ҷойи корӣ с.2

**ПОЙТАХТ**
Панҷараҳои худсохтро меканаанд с.5

**ОМОР**
Болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории с.3

**РМА-И ЭЛЕКТРОНӢ**
Онро чӣ тавр метавон ба даст овард? с.7

**ХАЙРИНИСО РАСУЛӢ:**
Аввал кор, баъд шикам с.10

**ТОҶИК**
Кӯдаки русро аз марг наҷот дод с.11

**ГУГУШ**
Китоби хотира нашр мекунад с.13

**КАНЗИ ШИФО**
Алафҷой барои сардард с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара
**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир
**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ
**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ
**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.
**Носирҷон САЛИМӢ,** академик
**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"
**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)
**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор
**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор
**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон
**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда
**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони хафтанома**

*Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар хафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводҳо ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи хафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Хафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиби аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Хафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## ИДОМАИ ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

**Дар Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт.**

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, ба вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ - сардори сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҳисайнзода Назрулло ва ба вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ - сардори раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд Мирзозода Саидшоҳ таъин гардиданд.

Дар вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ - сардори сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ пештар Муродалӣ Раҷабзода кор мекард, ки моҳи январ барканор шуд.

То ин дам Умар Умарзода дар вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ - сардори раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд кор мекард, ки бо сабаби ба кори дигар гузаштан имрӯз барканор шуд.

Инчунин, дар мувофиқа бо Президент намояндаи доимии Тоҷикистон дар СААД, намояндагони низомии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ва назди созмонҳои минтақавӣ ва сардорони як қатор раёсатҳои дастгоҳи марказии Вазорати мудофиа ва Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ, роҳбарони воҳидҳои низомӣ ва командирони қисмҳои ҳарбӣ ва дигар ҷузъу томҳои низомӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар аз ҳисоби кадрҳои ҷавону варзида ва соҳибтахассуси низомӣ таъин карда шудаанд.



## МУЛОҚОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН БО ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар шаҳри Остона мулоқоти Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев бо вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин сурат гирифт.**

«Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар оғози мулоқот таманниёти неки Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Президенти Қазоқистон расонид»,- иттилоъ медиҳад Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.

Зимни суҳбат масъалаҳои мубрами муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки бо шарофати иродаи қавии сиёсии сарони ду давлат дар ҳама самтҳо мунтазам инкишоф меёбанд, баррасӣ шудаанд.

## БАРҚ БОЗ ҚИМАТ МЕШАВАД?

**Дар Тоҷикистон эҳтимоли боз боло рафтани арзиши неруи барқ вуҷуд дорад.**

Ширкати "Барқи тоҷик" ба Ҳукумати кишвар пешниҳод кардааст, ки арзиши истифодаи барқ дар Тоҷикистон боло бурда шавад.

Ба иттилои масъулини ширкати "Барқи тоҷик", айни замон ин пешниҳод дар баррасии Ҳукумати кишвар қарор дорад.

Чанде қабл Сафаралӣ Қурбонзода, муовини аввали сардори Хадамоти зиддинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ гуфта буд, ки эҳтимоли қимат шудани неруи барқ вуҷуд дорад, вале ҳанӯз қарори дахлдор дар хусуси то кадом андоза боло бурдани арзиши тарофаҳои неруи барқ ба тасвиб нарасидааст. Маълум нест, ки арзиши барқ барои ҳамаи истифодабарандагон боло бурда мешавад ё танҳо барои аҳолӣ.

## ТАЪСИСИ БЕШ АЗ 71 000 ҶОЙИ КОР ДАР ХАТЛОН

**Соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 330 ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ гузаронида шудааст. Ҳамчунин, дар ин сол беш аз 71 ҳазор нафар бо кор таъмин гардидаанд.**

Дар ин бора Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дода, афзуд, ки соли 2024 дар вилояти Хатлон 89 корхона ва корхонаи гуногуни саноатӣ бунёд гардид. Ӯ гуфт, ки феълан 874 корхона дар вилояти Хатлон мавҷуд аст, ки нисбати соли 2023-юм 53 адад зиёд мебошад.

Ба таъкиди вай, дар соли сипаригардида 71 ҳазору 250 нафар бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

"Дар соли 2024-ум ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 12 миллиарду 500 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбати соли 2023-юм 903 миллиону 100 ҳазор сомонӣ зиёд аст»,- гуфт Давлаталӣ Саид.

## САРИ САБЗ



**Сафар ҲАҚДОД,**
**раиси Иттифоки синамогарони Тоҷикистон**

**- Синамо ҳунари байналмилалӣ аст. Мо танҳо дар дили худ бояд начӯшем, балки ситораҳои синаморо даъват кунем. Мо худ бояд қадам гузорем, на дар интизори он бошем, ки моро даъват кунанд. Синамо ба ин васила рушд мекунад.**

*- Ҳама гап ҳам сари ҳамин дия! Агар дар дили худ меҷӯшидем, ҳатман шавқу шӯр ба миён меомад ва ситораҳоро даъват мекардем. Вале чун дигарон дар дилашон меҷӯшанд, ҷуз муросо чора надорем.*



**Меҳриниссо БОБОБЕКОВА,**
**шоири хушбаёни тоҷик**

**- Воқеан ҳам қалам шоҳи ҷаҳон аст, аммо ҳоло ризқрасон нест. Бубинед, аз чопи китобҳо ҳаққи қалам нест қариб, аз телевизиону радиову матбуот чизе ба даст намеорӣ ва умуман шеър ҳоло ба шоир ҳеҷ суд оварда наметавонад.**

*- Ҳамаи инҳоро бо чанд касбу ҳунари дигар "микс" кардан лозим. Масалан, рӯзона дар телевизиону радио кор мекунӣ ва шабона ба таври шартномавӣ ҷойеро қаровуливу онҷо шеър ё барои матбуот менависӣ.*



**Шавкатҷон ФОЗИЛОВ,**
**мутахассиси риштаҳои равоншиносӣ**

**- Сафи муроҷиаткунандагон бештар шуд. Барои истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои кӯтоҳ омода карда, дар саҳифаи шахсӣ мегузорам, то сатҳи огоҳияшон дар бораи аҳамияти роҳҳои нави табобат хубтар шавад.**

*- Як бор ҷиддитар таваҷҷуҳ диҳед, шояд сабаби бештар гардидани сафи муроҷиаткунандаҳо хизматрасонии босифати шумо бошад… Ё наворҳои кӯтоҳ ҳам таъсири назаррас доранд?*



**Ҳоло вазъи муҳоҷирони тоҷик дар ҳудуди Русия мушкили №1 боқӣ мондааст. Махсусан, пас аз ҳодисаи “Крокус Сити” будубоши муҳоҷирони тоҷик дар қаламрави Русия бадтар шуд. Фишору боздоштҳои тӯлонӣ ҳангоми вуруди муҳоҷирон дар фурудгоҳҳои Русия, маҳдудияти фаъолияти онҳо дар шаҳрҳои Русия, поймол шудани ҳуқуқ ва ихроҷи онҳо ба кишвар зиёд ба мушоҳида мерасад.**



# МУШКИЛИ №1

## Сироҷиддин Муҳриддин онро ҳал мекунад?




### УМЕДВОРИИ ВАЗИРИ ТОҶИК

Аслан, муҳоҷирони тоҷик дар Русия ҳамеша зери фишору таъқиби кормандони полис қарор доранд. Аммо муносибат ба онҳо якбора пас аз ҳодисаи “Крокус Сити”, ки гӯё муҳоҷирони тоҷик ҳам дар он даст доранд, бадтар шуд. Ҳарчанд аз ин қазия наздики 1 сол сипарӣ мешавад, вале то ҳол ҳукми гумонбарон содир намешавад. Мақомоти дахлдори Русия ҳам муҳокимаи парвандаи онҳоро борҳо ба таъхир мегузоранд.

Ахиран, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки пас аз ду рӯз бо сафари расмӣ ба Маскав хоҳад рафт. Дар назар аст, ки ӯ бо ҳамтои русаш Сергей Лавров дидору мулоқот анҷом диҳад.

«Масъалаи муҳоҷират дар меҳвари мулоқоти мо хоҳад буд»,- гуфт вазир. Ба андешаи Сироҷиддин Муҳриддин, муҳоҷират яке аз муҳимтарин масъалаҳои гуфтугӯ миёни Тоҷикистон ва Русия дар ҳама сатҳҳо аст. «Дар умум бисёр масъалаҳо мусбат ҳал мешаванд»,- изҳор дошт Сироҷиддин Муҳриддин.

Вазир изҳор дошт, ки ҳанӯз ҳам мушкилот ҷой доранд. Ҳоло ҳам шаҳрвандони моро, ҳатто донишҷӯёнро дар фурудгоҳҳо манъ мекунанд. Аммо изҳори умедворӣ намуд, ки ин масоил ҳалли худро хоҳанд ёфт.

### ВАЗИРИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ЧӢ ГУФТ?

Солеҳа Холмаҳмадзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ҳам дар робита ба вазъи будубоши муҳоҷирони тоҷик дар қаламрави Русия изҳори назар кард. Ӯ, ки ҳамагӣ як моҳ шуд дар ин вазифа фаъолият дорад, зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки вазъи муҳоҷирон, махсусан дар Русия ӯро низ ба ташвиш овардааст.

“Масъалаи муҳоҷирони тоҷик дар Русия ва дигар давлатҳо зери таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат қарор дорад. Бо дастури бевоситаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз сафари корӣ ба Русия гурӯҳи корӣ таъсис ёфт. Дар ин гурӯҳ намояндагон аз ҳисоби вазорату идораҳои ду кишвар шомиланд. Тоҷикистонро дар ин ҳайат муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Шаҳноза Нодирӣ роҳбарӣ намуд. Охири моҳи январи соли 2025 ин гурӯҳи 12-нафара ҷиҳати баррасии масоили муҳоҷирон дар шаҳри Маскав қарор доштанд. Онҳо дар баррасии лоиҳаи қонуни федералии Русия вобаста ба муҳоҷирон низ иштирок карданд. Яъне, дар машварати идоравӣ байни Тоҷикистону Русия масъалаи муҳоҷират низ муҳокима шуд”,- гуфт Солеҳа Холмаҳмадзода.

### РОҲИ ҲАЛ КАДОМ АСТ?

Қабули ин қонун ба шароити кору зиндагии муҳоҷирон, таҳсили фарзандони онҳо дар муассисаҳои таълимӣ то куҷо таъсир мерасонад, вақт нишон медиҳад. Аммо, ҳоло мушкилоти мавҷуда бетағйир боқӣ мондааст. Коршиносон ҳалли ин мушкилро бо роҳи дипломатӣ мебинанд. Мегӯянд, ки вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин таҷрибаи хуби дипломатӣ дорад ва дар сафари ба Маскав доштааш бо ҳамтои руси худ Сергей Лавров ба ин масъала нукта хоҳанд гузошт. Албатта, вақт нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба чӣ натиҷа мерасанд. Вале хуб мешуд, ки ҷониби Тоҷикистон аз Русия иҷроиши созишномаҳоро оид ба муҳоҷират талаб намояд, то ин ки дигар муҳоҷири тоҷик зери фишори мақомоти рус қарор нагирад. Зеро ҳифзи шаъну шарафи инсон дар мадди аввал аст ва барои кайке пӯстинро набояд сӯзонд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Ориф Хоҷазода, раиси Кумитаи идораи замин ва геодезии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ ширкатҳоеро, ки аз деҳқонон пахта мехаранду ба фаъолияти онҳо маблағгузорӣ намекунанд, интиқод кард.**

Ба гуфтаи ӯ, ин ширкатҳо метавонистанд деҳқононро бо техникаи кишоварзӣ, маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, тухмӣ ва нуриҳои минералӣ таъмин намоянд, аммо ин корро намекунанд.

“Дар натиҷа деҳқонон кам ҳосил гирифта, маҷбур мешаванд пахтаро аз арзиши аслиаш паст фурӯшанд. Аз ин рӯ, аксари фермерон аз кишти пахта даст мекашанд”,- изҳор дошт Хоҷазода.



**Соли 2024 Палатаи ҳисоби Тоҷикистон дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 506 миллиону 700 ҳазор сомонӣ 192 камбудиҳои молиявиро ошкор кард.**

Ҷамшед Каримзода, раиси Палатаи ҳисоби Тоҷикистон дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ хабар дод ва афзуд, ки зарари молиявӣ барқарор ва ба буҷети давлатӣ баргардонида шуд. Зарари молиявӣ бештар аз ҳисоби хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ 37,3 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 1,6 миллион сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 37,1 миллион сомонӣ рост меояд.



**Аз аввали соли 2024 нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,0% қимат шуд. Ин асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти гӯштӣ - 16,6% (гӯшти гов - 28,5%, гӯсфанд - 19,9% ва моҳӣ - 2,8%); равған ва чарбӯ - 15,8% (равғани офтобпараст - 11,5% ва пахта - 10,7%); нӯшокиҳои спиртдор - 10,4%, шир ва маҳсулоти ширӣ - 9,7% ва тамоку - 5,8% аст.**

Дар ин бора Ҷамшед Нурмаҳмадзода, директори Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон хабар дод. Ӯ гуфт, ки нархи маҳсулоти нонӣ ва ярмаҳо - 1,2 фоиз, нӯшокиҳои беспирт - 3,5 фоиз, шакар - 9,5 фоиз ва мевагиҳо 9,7 фоиз арзон шуд.

# ОҚОХОНИ V

## Имоми 50-умини исмоилиён кист?

**Шоҳзода Раҳим Ал-Ҳусайнӣ Оқохони V ба унвони 50-умин имоми маврусӣ (роҳбари маънавӣ)-и мусалмонони шиаи исмоилӣ баргузида шуд. Ӯ дар пайи ифшои васиятномаи падари марҳумаш Шоҳ Карим Ал-Ҳусайнӣ Оқохони IV, ки 4-уми феврал дар Лиссабони Португалия дар синни 88-солагӣ даргузашт ва дар Миср дафн шуд, ба ин мақом расид.**



### ХИЛЪАТПӮШИИ ИМОМ

Маросими хилъатпӯшии Мавлоно Шоҳ Раҳим Ал Ҳусайнӣ, ки ба унвони “Тахтнишинӣ” маълум аст, дар қароргоҳи Ҳозиримом дар шаҳри Лиссабон шурӯъ шудааст. Дар суннати шиъаи исмоилӣ, ин калима ба маросиме ишора мекунад, ки дар он Имом расман мақом ва вазифаи худро ба ӯҳда мегирад.

“Роҳбарони Ҷамоат ба Ҳозиримом хилъат (аз марҳум Имом) пешкаш хоҳанд кард, ки рамзи интиқоли вазифаи Имомат мебошад.

Ҳамчунин, дар ҳавои иҷрои Нашид-ул-Имомат, таронаи маросимии исмоилиҳо рамзҳои расмии вилоят - Қуръони Мукаддас, конститутсияи исмоилиён, шамшери маросимӣ ба Ҳозиримом тақдим мешаванд. Оятҳои Қуръон қироат карда мешаванд ва қироатҳои ифтихорӣ аз суннатҳои гуногуни Ҷамоат иҷро хоҳанд шуд”,- навиштааст оид ба ин маросим сомонаи Девони имомати Исмоилия.

### ШОҲЗОДА РАҲИМ ОҚОХОНИ V

Шоҳзода Раҳим Оқохон, писарбузурги Шоҳ Карим Ал-Ҳусайнӣ, Оқохони IV 12-уми октябри соли 1971 дар Женеваи Швейтсария ба дунё омадааст.

Маълумоти миёнаро дар Академияи Филлипс дар Андовери Массачусетс (1990) соҳиб шуда, Донишгоҳи Браун дар Род-Айленди ИМА-ро бо дараҷаи бакалаврӣ дар равияи адабиёти муқоисавӣ дарёфт намудааст.

Шоҳзода Раҳим Оқохон то имрӯз дар мудирияти AKDN (Шабакаи Рушди Оқохон) иштироки фаъол дошт ва масъулияти роҳбарии Кумитаи муҳити зист ва иқлими AKDN ва ҳамраисии кумитаҳои баррасии буҷети AKDN ба зиммаи ӯ вогузор шуда буданд.

### ФАРМОНИ НАХУСТИНИ ҲОЗИРИМОМ

Ҳозиримом Мавлоно Шоҳ Раҳим Ал Ҳусайнӣ баъди маросими хилъатпӯшӣ фармони нахустини худро эълон кард.

Вай дар бораи “принсипҳои динии исмоилӣ”, зарурати нигоҳ доштани “тавозуни байни умури дунявӣ ва маънавӣ” ва “риояи пайвастаи арзишҳои динӣ” сухан гуфт.

Ӯ таъкид кард, ки тамоми ҳаёти худро ба “нигаҳбонии маънавӣ ва некӯаҳволии моддии Ҷамоат” мебахшад.

Фармони ӯ ба “консепсияҳои умумиҷаҳонии сулҳ, таҳаммулпазирӣ, ҳамгироӣ ва дастгирии ниёзмандон” тамаркуз дошт.

Ҳозиримом аз Ҷамоат хост, ки “шаҳрвандони содиқ ва фаъоли кишварҳои худ” бошанд ва дар ҳалли “мушкилоти муҳити зист ва тағйирёбии иқлим” бо намунаи шахсӣ саҳмгузор бошанд.

# ҲУШДОРИ ГУТЕРРИШ БА “ҲАМОС” ВА ИСРОИЛ

**Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид аз гурӯҳи фаластинии “Ҳамос” хостааст, ки ба раҳоии гаравгонҳо идома диҳад. Антонио Гутерриш рӯзи сешанбе дар баёнияе гуфт, азсаргирии хусуматҳо, ки сабаби фоҷиаи бузург хоҳад шуд, бояд пешгирӣ шавад.**

Гурӯҳи фаластинии “Ҳамос” рӯзи 10-уми феврал эълон кард, ки раванди раҳоии гаравгонҳоро бозмедорад.

Намояндагони ин гурӯҳ мақомоти Исроилро ба поймоли созиши оташбас дар Ғазза муттаҳам карданд.

Доналд Трамп, раисҷумҳури Америко ҳушдор дод, ки агар ҳамаи гаравгонҳои исроилӣ то нимрӯзи шанбеи ҳафтаи оянда озод нашаванд, созиши оташбас бекор хоҳад шуд.



"Ҳамос" рӯзи 7-уми октябри соли 2023 ба Исроил ҳамла кард, ки дар натиҷа беш аз 1200 нафар кушта шуданд. Ҳамчунин 200 нафар исроилиро нерӯҳои “Ҳамос” ба гарав гирифтанд.

Пас аз ин Исроил ба Навори Ғазза ҳамлаи мусаллаҳ оғоз кард, ки дар натиҷа 47 ҳазор фаластинӣ кушта ва даҳҳо ҳазори дигар захмӣ шуданд.

# СУЛҲ НАЗДИК АСТ?

## Намояндаи Трамп ба Украина меравад

**Доналд Трамп шоми 10-уми феврал эълон кард, ки Кит Келлогг ба зудӣ ба Киев меравад ва ҳамчунин афзуд, ки худи ӯ ин ҳафта бо Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина суҳбат хоҳад кард.**



Хабари сафари қарибулвуқӯи намояндаи вижаи Доналд Трамп ба Украина ибтидо рӯзи душанбе дар шабакаи хабарии CNN нашр шуд ва чанд соат пас аз он, раисҷумҳури Украина низ аз сафари як ҳайати муҳими ҳукумати Трамп ба Киев дар рӯзҳои оянда хабар дод.

Владимир Зеленский дар паёми видеоии худ ҳамчунин гуфт, ки дар ҳошияи Конфронси амниятии Мюнхен бо муовини Доналд Трамп мулоқот хоҳад кард.

Доналд Трамп, ки то ба ҳол дар бораи тарҳи худ барои поёни ҳарчи зудтари ҷанги Русия алайҳи Украина ҷузъиёте ироа накардааст, ҳафтаи гузашта генерали бознишаста Кит Келлоггро фиристодаи вижаи худ дар умури Украина ва Русия таъйин кард.

Зеленский хостори он шудааст, ки Доналд Трамп пеш аз мулоқот бо раисҷумҳури Русия бо ӯ мулоқот кунад ва Киев дар гуфтугӯҳои вобаста ба тарҳи сулҳ иштирок дошта бошад.

Доналд Трамп рӯзи 9-уми феврал тасдиқ кард, ки бо Владимир Путин дар бораи поён додан ба ҷанги Русия дар Украина телефонӣ гуфтугӯ кардааст. Ӯ гуфт, ки тарҷеҳ медиҳад нагӯяд, ки як бор ё чанд бор гуфтугӯ кардааст ва ба санаи мушаххаси гуфтугӯ ҳам ишора накард.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Соли 2024 ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон 4,9 млрд долларро ташкил кард. Ин нисбат ба соли 2023-юм 2,1 млрд доллар ё 72,7% бештар аст.**

Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гуфт, ки аз ҳаҷми умумии сармояи воридшуда 4,128 млрд доллар (84,2%) ба Душанбе, 761,2 млн доллар (15,5%) ба вилояти Суғд, 11,8 млн доллар (0,2%) ба вилояти Хатлон, 3,2 млн доллар (0,1%) ба шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ва 1,3 млн доллар (0,1%) ба ВМКБ рост омадааст..



**Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии шаҳри Ҳисор дар соли 2024-ум 229 миллиону 842 ҳазору 498,8 сомонӣ иҷро гардид. Ин дар ҳолест, ки нақша 226 миллиону 920 ҳазору 747 сомонӣ буд. Яъне, ба буҷети маҳаллӣ 2 миллиону 921 ҳазору 751,8 сомонӣ бештар ворид шуд.**

Ин маълумот дар нишасти матбуотии иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор Ҷаббор Носирзода садо дод. Ӯ гуфт, ки қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ дар ин давра 78 миллиону 90 ҳазору 990 сомонӣ пешбинӣ шуда буд, аммо ба буҷет 83 миллиону 767 ҳазору 179,1 сомонӣ ворид гардид. Яъне, нисбат ба нақшаи пешбинигардида 5 миллиону 676 ҳазору 189,1 сомонӣ зиёд аст.



**Дар шаҳри Турсунзода маркази бузурги савдо ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ бунёд шуда, баъди ба истифода додани он зиёда аз 7 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин мешаванд.**

Парвиз Акрамзода, раиси шаҳри Турсунзода дар ин бора иттилоъ дода, афзуд, ки ифтитоҳи марҳилаи якуми бино дар арафи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар назар аст. Айни замон дар ин маркази бузурги тиҷоратӣ зиёда аз 500 сохтмонҷӣ кор карда истодаанд. Ба гуфтаи Акрамзода, яке аз ҳадафҳои асосии мақомоти шаҳри Турсунзода таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ мебошад.

# ПАНҶАРАҲОРО МЕКАНАНД

## Аз нигаронии сокинон то шарҳи сармеъмор

**Панҷараи тирезаҳои ҳамаи биноҳои Душанберо мекананд. Чунки “панҷараҳо ҳусни шаҳрро коста мегардонанд ва ба меъёрҳои меъмории муосир ҷавобгӯ нестанд”. Ин нуктаро Самӣ Азизиён, сармеъмори пойтахт рӯзи 10-уми феврал зимни нишасти хабарии шаҳрдории пойтахт зикр кард.**





Ин тасмим баҳсҳои зиёдеро дар ҷомеа ба миён овардааст. Ба гуфтаи мақомот, ин иқдом намуди шаҳрро зеботар ва ба меъёрҳои муосири меъморӣ мутобиқ мекунад. Вале сокинон нигарон аз онанд, ки набудани панҷараҳо амнияти кӯдакони хурдсоли онҳоро зери хатар мегузорад.

Дар нишасти ахири Ҳукумати шаҳри Душанбе Самӣ Азизиён, сармеъмори пойтахт эълон кард, ки тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, аз 2-юми январи соли 2025 панҷараҳои тирезаи тамоми биноҳои пойтахт бардошта мешаванд. Ӯ таъкид кард, ки ин иқдом бо мақсади беҳтар кардани намои шаҳр ва мутобиқ намудани он ба меъёрҳои меъмории муосир амалӣ мешавад.

Ба гуфтаи масъулон, панҷараҳои оҳанин симои шаҳрро коста карда, ба меъёрҳои нави шаҳрсозӣ ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, ҳукумати шаҳр тасмим гирифтааст, ки ҳамаи онҳоро бартараф намояд.

Самӣ Азизиён иттилоъ дод, ки то имрӯз тақрибан 1000 панҷара ва балконҳои худсохт дар кӯчаҳои С. Айнӣ, А. Дониш ва хиёбони Рӯдакӣ бартараф карда шудаанд. Айни ҳол корҳо дар маҳаллаи 82 идома доранд.

Истиқоматкунандагони ошёнаҳои поёнӣ инчунин хавотиранд, ки кандани панҷараҳо метавонад амнияти онҳоро аз дуздону ғоратгарон зери хатар гузорад.

Ҳукумати шаҳр ба сокинон тавсия додааст, ки ба ҷойи панҷараҳо тӯрҳои муҳофизатӣ истифода баранд.

# БУНЁДИ ДУ ЭСТАКАДАИ НАВ ДАР ПОЙТАХТ

**Дар нишасти хабарии шаҳрдории Душанбе аз оғози сохтмони ду эстакада хабар доданд. Бахтиёр Шарифӣ, муовини аввали раиси шаҳр гуфт, ки эстакадаҳо дар наздикии Сирки давлатӣ ва маҳаллаи “Мясокомбинат” сохта хоҳанд шуд.**

Ҳамчунин, Мухаммадюсуф Раҳимзода, роҳбари Раёсати сохтмони роҳҳои Душанбе зимни нишасти хабарӣ гуфт, ки Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) барои сохтмони эстакадаи дусатҳа дар хиёбони С. Шерозӣ 90 млн евро ҷудо кардааст.

Ҳамчунин, дар нишаст зикр гардид, ки ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба сармояи асосии шаҳри Душанбе дар соли 2024 назар ба соли 2023-юм 20% афзуд.

Дар ин бора Бахтиёр Шарифӣ, муовини аввали раиси шаҳри Душанбе зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.




«Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба сармояи асосии шаҳри Душанбе дар соли 2024-ум 6,2 млрд сомониро ташкил додааст. Ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-юм 20 дарсад бештар аст. Аз ин ҳисоб 27 дарсад ё 1,7 млрд сомонӣ ба маблағгузории давлатӣ, 63 дарсад ё 3,9 млрд сомонӣ ба маблағгузории бахши хусусӣ ва 10% дарсад ё 589 млн сомонӣ ба сармояҳои хориҷӣ рост меояд»,- гуфт номбурда.

### ХУШХАБАР БА ДУЧАРХАСАВОРОН

*Дар пойтахти Тоҷикистон аввалин роҳи махсус барои дучархасаворон бунёд хоҳад шуд.*

*Кумитаи рушди сайёҳӣ хабар додааст, ки сохтмони ин роҳ дар доираи бозсозии кӯчаи Қаҳҳоров, ки аз марти соли 2023 оғоз шудааст, пешбинӣ гардидааст.*

*Ба гуфтаи масъулон, татбиқи лоиҳа тақрибан 2,5 сол идома меёбад. Ҳамчунин, нақшаи сохтмони чунин роҳҳо дар дигар кӯчаҳои Душанбе низ дар назар аст, ки ба беҳтар шудани шароити ҳаракати дучархасаворон мусоидат мекунад.*

# "СИТОРА" ВА "ОРЛЁНОК"

## Душанбе соҳиби ду кинотеатри нав мешавад

**То ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар кишвар 4 кинотеатри нав сохта хоҳад шуд. Дар ин бора Маҳмадсаид Шоҳиён, раиси "Тоҷикфилм" зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи Шоҳиён, ду кинотеатр дар Душанбе, яке бо номи "Ситора" ва дигаре "Орлёнок" сохта мешаванд. Ҳамчунин, дар шаҳри Ваҳдат кинотеатри "Ҳилолӣ" ва дар ноҳияи Рӯдакӣ кинотеатри "Баҳор" бунёд хоҳанд шуд.

Лоиҳаи сохтмони кинотеатрҳо аз ҷониби "Тоҷикфилм" дар ҳамкорӣ бо Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, инчунин ҳукумати шаҳру ноҳияҳо амалӣ мешавад.

Бунёди 4 кинотеатри нав як қадами муҳим дар роҳи эҳёи фарҳанги синамои миллӣ ва фароҳамсозии шароити беҳтари фароғатӣ барои сокинони кишвар хоҳад буд. Ҳоло маълум нест, ки ин кинотеатрҳо кай ба истифода дода мешаванд, аммо мақомоти масъул таъкид мекунанд, ки ҳамаи онҳо то соли 2026, ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба фаъолият оғоз мекунанд.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Дар Тоҷикистон соли 2024 ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда ба 53,8 млрд сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2023-юм 20 фоиз зиёд мебошад.**

Дар ин бора Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Таъкид гардид, ки давоми як соли гузашта дар кишвар 740 корхона бунёд гардида, дар маҷмуъ, 18193 нафар бо ҷойи кор дар ин корхонаҳои нав тамин шуданд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 3774 корхонаи саноатӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба соли 2023-юм 330 корхона зиёд аст.



**Маҳмадумар Асозода, раиси ширкати «Барқи тоҷик» зимни нишасти хабарӣ изҳор дошт, ки сабаби норасоии мавсимии неруи барқ паст шудани сатҳи об ва зиёд шудани талабот мебошад.**

Ба гуфтаи ӯ, соли 2024 истеҳсоли барқ ба 17,42 млрд кВт/соат расид, ки нисбат ба соли 2023-юм 941,5 млн кВт/соат зиёд аст. Номбурда таъкид дошт, ки бо беҳтар шудани вазъи обу ҳаво ва афзоиши ҳаҷми об, таъминоти барқ ба ҳолати муқаррарӣ бармегардад. Ҳамчунин, дар нишасти матбуотӣ зикр шуд, ки талафоти неруи барқ ва содирот низ коҳиш ёфтааст.



**Соли гузашта дар Тоҷикистон 75197 издивоҷ ба қайд гирифта шуда, нисбат ба соли 2023 тақрибан 1247 издивоҷ камтар мебошад.**

Дар ин бора Бунафша Файзиддинзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дод. Ӯ дар нишасти хабарӣ изҳор дошт, ки соли 2024 талоқ низ коҳиш ёфт. Дар ин давра 9000 оила аз ҳам ҷудо шудаанд. Ин нишондиҳанда тақрибан 1000 ҳолат камтар аз соли қаблӣ мебошад.

# ШАРҲИ МУХТАСАР

## аз фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2024




*Фирдавс Толибзода,*
*Раиси Бонки миллии Тоҷикистон*

**Фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 дар самти татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома ёфта, бахри таъмини муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ, устувории қурби пули миллӣ, нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт ва устувории низоми бонкӣ чораҳои зарурӣ андешида шудааст.**

### СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ

Дар соли 2024 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6±2 б.ф.) ҷамъбаст гардида, 3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,0 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 4,0 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 4,8 фоиз ба амал омад.

БМТ дар соли ҳисоботӣ бахри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 120 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнокро ба маблағи 12,0 млрд сомонӣ баргузор кард. Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуданд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 1,1 млрд сомониро ташкил менамоянд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин поёнтар аз доираи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум дар давоми соли 2024 тадриҷан 1,0 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 9,0 фоизи солона муқаррар гардид.

### ВАЗЪИ БОЗОРИ ДОХИЛИИ АСЪОР

Дар соли ҳисоботӣ БМТ сиёсати қурбиро дар речаи "шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб" идома дод. Қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2024 ба андозаи 0,2 фоиз устувор гардид.

Бо назардошти вазъи иқтисоди ҷаҳон қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба доллари ИМА тағйир ёфтанд. Аз ҷумла қурби сомии Қирғизистон 2,3 фоиз устувор гардида, лираи Туркия 19,7 фоиз, тангаи Қазоқистон 15,2 фоиз, рубли Федератсияи Россия 13,4 фоиз, рубли Беларус 9,3 фоиз, суми Ӯзбекистон 4,7 фоиз ва юани Чин 1,5 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфт.

### НИЗОМИ БОНКӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 31 декабри соли 2024 дар маҷмуъ 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 23 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ ба 1 928 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 31 адад зиёд мебошад.

### ҲАҶМИ ДОРОИҲО, ӮҲДАДОРИҲО, САРМОЯ ВА ПАСАНДОЗ

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли 2024 ба 47,5 млрд сомонӣ ва 38,5 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 мувофиқан 26,0 фоиз (ё 9,8 млрд сомонӣ) ва 27,0 фоиз (ё 8,2 млрд сомонӣ) зиёд мебошанд.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 9,0 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ ба андозаи 1,6 млрд сомонӣ ё 21,8 фоиз зиёд шудааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 бақияи умумии пасандозҳо 25,5 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 31,2 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз рӯи ҳисса бо пули миллӣ 60,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 39,5 фоизро ташкил намуд.

Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ 11,1 млрд сомонӣ ё 43,5 фоиз ва ҳиссаи шахсони воқеӣ 14,4 млрд сомонӣ ё 56,5 фоизро ташкил медиҳанд.

### ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА ВА БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ

Дар соли 2024 ҳаҷми қарзҳои додашуда 24,6 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 5,6 млрд сомонӣ ё 29,3 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 47,1 фоиз, савдои хориҷӣ 14,6 фоиз, кишоварзӣ 12,7 фоиз, саноат 12,4 фоиз, хизматрасонӣ 6,9 фоиз, сохтмон 3,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,3 фоиз рост меояд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 31,1 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи 7,6 млрд сомониро ташкил додааст.

Дар соли ҳисоботӣ ба маблағи 17,8 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 31,3 фоиз зиёд мебошад. Фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ 22,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,7 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 бо пули миллӣ 1,1 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 0,1 банди фоизӣ паст шудааст.

Бақияи сандуқи қарзии маҷмуии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ маблағи 21,4 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба интиҳои соли 2023 ба маблағи 3,5 млрд сомонӣ ё 19,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Меъёри кифояти сармоя ба санаи 31 декабри соли 2024 21,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда 9,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Меъёри пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи ҳисоботӣ ба 78,3 фоиз баробар гардида, нисбат ба талаботи муқарраршуда 48,3 банди фоизӣ зиёд шудааст. Даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун ифодакунандаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ 3,8 фоиз ва даромаднокии сармояи он 20,7 фоизро ташкил намуд.

### НИЗОМИ ПАРДОХТ

Ба санаи 31 декабри соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 8,4 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 25,7 фоиз зиёд мебошад. Шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 12,1 млн адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 38,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба санаи ҳисоботӣ барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 11 955 терминали электронӣ насб карда шудааст, ки аз онҳо 5 530 POS-терминал махсус барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 19 918 QR–рамзи ягона насб карда шудааст, ки 3 161 адади он махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии муздноки давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва агентҳои бонкии пардохтии онҳо дар маҷмуъ зиёда аз 9,1 ҳазор терминали худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шуданд.

Дар соли 2024 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 92,4 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 30,4 млрд сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2023 аз рӯи шумора 61,7 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 95,3 фоиз афзоиш ёфтанд. Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ 73,8 фоиз ба 26,2 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ 6,6 банди фоизӣ зиёд гардид.

### НИЗОМИ СУҒУРТА

Дар интиҳои соли 2024 дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиал ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намуданд.

Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2024 нишон дод, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа раванди афзоиш доштанд, аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 10,5 фоиз, сармоя 19,6 фоиз, сармояи оинномавӣ 45,1 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 2,5 фоиз, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 26,6 фоиз, сармоягузориҳо 32,7 фоиз, пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 37,0 фоиз ва андозҳои пардохтшуда 24,4 фоиз зиёд гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 1,7 фоизро ташкил дода, нисбат ба ММД ба андозаи 0,6 фоиз баробар шуд.

### РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки рушди Авруосиё, Бонки байнидавлатӣ, Иттиҳоди дастрасии молиявӣ, фондҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ ҳамкории судманд ба роҳ мондааст.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ дар соли 2024 ба низоми бонкии кишвар ба маблағи 4,2 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ (қарз, сармоягузориҳои мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо) ҷалб карда шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 88,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ Шурои мудирони ХБА Барномаи "Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат" (PCI)-ро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд. Барномаи мазкур ба мӯҳлати 22 моҳ татбиқ гардида, ба нигаҳдории устувории макроиқтисодӣ, таҳкими асосҳои сиёсии мақомоти кишвар ва дастгирии талошҳои онҳо дар самти таъмини рушди нисбатан устувору фарогир равона мегардад.

Моҳи июли соли 2024 бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ баргузор гардид, ки дар кори он зиёда аз 70 нафар дар сатҳи роҳбарияти ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, вазоратҳои молия ва бонкҳои марказии Конфедератсияи Швейтсария, ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Лаҳистон, Сербия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ иштирок намуданд.

Моҳи августи соли 2024 ширкати байналмилалии рейтингии "Standart&Poor's" рейтинги байналмилалии соҳибхтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дараҷаи "В -" ба дараҷаи "В" бо дурнамои "устувор" баланд бардошт.

Инчунин, моҳи сентябри соли 2024 агентии рейтингии "Moody's" рейтинги байналмилалии соҳибхтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дараҷаи "В3" тасдиқ намуда, дурнамои онро бинобар беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз "устувор" ба "мусбат" баланд бардошт.

Баҳогузориҳои мазкур беҳбудии ояндаи вазъи иқтисодии Тоҷикистонро пешбинӣ намуда, аз устувории иқтисодиёти кишвар ва вазъи муътадили молиявии он шаҳодат медиҳад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ДӮЗАХ НАЗДИК АСТ?



Бобои Одина ба барфи рехтаистода ишора намуда, гуфт:

- Ҳамин ҳам барф шуду... Ду шабонарӯз боз меборaду замин сафед нашудааст-е...

- Охир ба замин нарасида об мешавад дия...,- гуфт дар ҷавоби ӯ наберааш.

- Дар ҷавонии мо чунон барф мебориd, ки пас аз пок кардани боми хона бе нардбон аз болои он поин мешудем...

- Бобо, ҳоло иқлим гарм шуда истодааст. Барои ҳамин ҳаво имсол сард нашуд. Ин гармшавиҳо ҳоло ҳам идома дорад ва минбаъд боз гармтар мешавад.

Набераи бобои Одина ба вай дар бораи гармшавии глобалии сайёраи замин хеле гуфт ва пас аз он, ки ӯ ба суханаш хотима дод, мӯйсафед сарашро бо ишори "не...е..." ҷунбонду гуфт:

- Дӯзах наздик аст гӯй...

Воқеан, ҳоло на танҳо асбобҳои ҳассоси обу ҳавосанҷӣ, балки одамони оддӣ ҳам ин гармшавиҳоро эҳсос карда истодаанд. Ва агар гармшавии иқлими сайёра чунин идома ёфтан гирад, инсоният ба ҷӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд?

Маълумотҳои охирин сари ин мавзӯъ шаҳодат аз он медиҳанд, ки соли 2024 гармшавӣ идома ёфт ва ин дар таърихи мушоҳидаҳои ҳавошиносӣ гармтарин сол буд. Тавре олимон мегӯянд, консентратсияи гази карбон ($CO_2$) дар атмосфера аз тақрибан 278 қисм дар як миллион см дар соли 1750 то 420 қисм дар як миллион дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, ки 51%-ро ташкил медиҳад. Ин заррачаҳо гармиро нигоҳ медоранд ва боиси баланд шудани ҳарорат мегарданд.

Ин, пеш аз ҳама, бо тағйир ёфтани мадори сайёраи мо алоқаманд аст: мадор гоҳ «дароз» мешавад, баъзан мудаввартар мешавад (давра тақрибан 93 ҳазор сол аст). Ғайр аз ин, кунҷи тамоили меҳвари Замин ба ҳамвории мадори он дар ҳар 41 ҳазор сол ва конуси гардиш дар 26 ҳазор сол дигар мешавад. Яъне, ҳар ҷӣ қадар кӯшиш кунем ҳам, садди роҳи гармшавии ҳарорат шуда наметавонем. Ҳоло дар рӯи замин аз таъсири гармшавии глобалӣ, болоравии сатҳи баҳр, тағйирёбии минтақавии боришот ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво, ба монанди паҳншавии мавҷҳои гармӣ ва васеъшавии биёбонҳо сурат гирифта истодаанд. Ҷаро маҳз дар соли 2024 гармшавии рекордӣ дида шуд? Олимон ба хулосае омаданд, ки азбаски дар ҷор сол як соли кабиса вуҷуд дорад, ки аз дигар солҳо бо мавҷудияти як рӯзи изофӣ - 29-уми феврал фарқ мекунад, ки дар партави гармшавии глобалӣ ин ҳодиса ба амал омад. Ҳамчунин, ақидае вуҷуд дорад, ки соли кабиса ҳамеша хеле душвор аст ва дар ин сол тағйироти глобалӣ ба амал меоянд.

Агар гармшавӣ идома ёфтан гирад, пеш аз ҳама, кадом мавҷудоти зинда аз он зарар мебинанд? Дар кишвари мо қабл аз ҳама қутосҳо ва дар шимол хирси сафед бо шумораи зиёд ба мурииш сар мекунанд ва чунин ҳолат бештар ба дигар ширхӯрон ва сайди онҳо таъсири бад мерасонад. Ҳоло кишвари аз ҳама гармтарин дар сайёраи мо Кувайт аст.

Гармтарин кишвари ҷаҳон барои соли 2025 низ Кувайт аст. Тибқи омор, ҳарорати миёнаи моҳона дар ин кишвар дар тобистон аз 40 то 55 дараҷа гарм мешавад. Аммо гармтарин нуқтаи рӯи замин ҳоло дар Эрон аст. Ин мавзеъ биёбони Дашти Лут ном дорад, ки сатҳи замини он то 80 дараҷа гарм мешавад ва ҳарорати ҳаво дар инҷо аз 50 дараҷа зиёд мешавад. Бо вуҷуди чунин шароити дӯзахи зиндагонӣ дар Дашти Лут алҳол мавҷудоти зинда зиндагӣ мекунанд.

Ин гармшавиҳо то кай давом мекунанд ва оё бобои Одина ҳақ аст, ки мегӯяд "дӯзах наздик аст"?

**А. АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**

# РМА-И ЭЛЕКТРОНӢ ЧИСТ ВА ҶӢ ТАВР МЕТАВОН ОНРО БА ДАСТ ОВАРД?

**Дар Тоҷикистон аз оғози соли гузашта баҳисобгирии электронии Рақами мушаххаси андозсупоранда роҳандозӣ шудааст. Акнун РМА-ро аз хона метавон фармоиш дод. Дар ин бора Кумитаи андоз дар Телеграм-канали худ бо нашри дастурамали наворӣ хабар додааст.**



Ба гуфтаи манбаъ, ташаббуси мазкур дар раванди рақамикунонии хадамоти андозӣ бо мақсади сода кардани ҷараёни ҳуҷҷатгузорӣ роҳандозӣ шудааст.

РМА-и электрониро дар сомонаи Кумитаи андоз - andoz.tj ба даст овардан мумкин аст. Мо раванди кори сомонаро санҷидем.

Барои гирифтани РМА дар сомонаи andoz.tj тугмаи "Шахсони воқеӣ"-ро пахш карда, "Баҳисобгирии РМА"-ро интихоб кунед.

Дар экран равзана бо аризаи электронӣ кушода мешавад.

Дар ариза мебояд ному насаби гирандаи РМА, ном ва насаби падар ё модари ӯ, номи мақомоти андози маҳали истиқомат, ҷинсият, санаи таваллуд ва навъи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва рақаму санаи онро қайд намуд.

Дар қисми дуюм бошад, акси шахсӣ бо ҳуҷҷати тасдиқкунанда ва нусхаи шаҳодатнома ё шиносномаро боргузорӣ намуда, суроғаи ҷойи зист ва рақами телефону суроғаи электронии худи гирандаи РМА ё волидони ӯ ва маълумот дар бораи падар ё модарашро ишора кардан лозим аст.

Воқеан, боргузории акси "ҳуҷҷати иловагӣ" хатмӣ набуда, шаҳрвандон метавонанд ҳар ҳуҷҷати иловагие, ки барои тасдиқи шахсияташон дуруст мешуморанд, илова кунанд.

Бо ҳамин дархости шумо барои баррасӣ қабул шуда, ҷавоби он тариқи СМС-паёмак ба телефони ишорашуда фиристода мешавад. Дар холати қабул шудани дархост, РМА бо паёмак фиристода мешавад. Ҳангоми рад гардидани он бошад, дар паёмак асосҳои қабул нашудани дархост навишта мешавад ва шаҳрванд метавонад номутобиқативу хатоҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, дубора дархост фиристад.

Ҳамчунин, шахси тасдиқшудаи гувоҳнома дар бораи гирифтани РМА дар шакли PDF ба почтаи шумо ирсол мегардад.

**Нурматова Маҳина Мадумаровна, сардори Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода дар нишасти хабарӣ гуфт, ки соли гузашта нисбат ба 11562 шахси мутасаддӣ барои риоя накардани талаботи санитарӣ ва эпидемиологӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.**

Ҳамчунин, бинобар сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботи санитарию эпидемиологӣ фаъолияти 651 иншоот муваққатан боз дошта шуда, парвандаҳои марбут ба онҳо барои баррасӣ ба мақомоти тафтишотӣ ирсол гардид.



**Соли 2024 нақшаи қабул дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон 57,5% иҷро шуд. Дар ин бора ректори донишкада Муҳриддин Низомӣ ҳангоми нишасти матбуотӣ хабар дод.**

«Баъди қабули қонун дар бораи ӯҳдадории ҳарбӣ ҳамаи муассисаҳои олии кишвар ба мушкили норасоии донишҷӯ мувоҷеҳ шуданд. Аз ҷумла, мо ҳам. Солҳои гузашта нақшаи қабул 37-40% иҷро мешуд. Имсол мо тарғиботро хуб ба роҳ мондем ва ба 6 ихтисоси нав кушодем ва дар натиҷа 537 нафар донишҷӯ қабул карда шуданд»,-гуфт Низомӣ.

Ба иттилои Муҳриддин Низомӣ, довталабон бештар ба ихтисосҳои актёрӣ, журналистика ва китобдорӣ таваҷҷуҳ доранд.



**Аз 1-уми январи соли ҷорӣ маоши омӯзгорони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз ҳисоби суратҳисоби махсуси донишгоҳ 10 фоиз баланд бардошта шуд.**

Дар ин хусус Жило Гулназарзода, ректори донишгоҳи мазкур зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ректор гуфт, ки бо назардошти афзудани теъдоди тахассусҳо, кафедраҳо ва донишҷӯён 3 факултети нав-тарҷумони забони англисӣ, равияи омӯзгори забонҳои Шарқ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсис ёфтанд. Ҳамчунин, 9 ихтисоси донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаштанд.



Рустам Холиқзода:

# БА САТҲИ БАЛАНДИ ЗИНДАГӢ НОИЛ МЕГАРДЕМ

**Солҳои охир дар натиҷаи сиёсати созандаи давлат ва Ҳукумати кишвар пешрафти босуботи иқтисодиву иҷтимоии ҳама шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ таъмин гардида, муҳимтар аз ҳама, ба ҳадафи ниҳоии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум зина ба зина ноил гардида истодаанд. Бино ба гуфтаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Холиқзода Рустам Ҳикматулло, дар соли 2024 ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва баҳри боло бурдани вазъи иҷтимоиву иқтисодии ноҳия корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.**

## ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Накшаи қисми даромади буҷети ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 111,0 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 152,9 млн сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 14,6 млн сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия 63,4 млн сомонӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсия) ҷудо карда шудааст.

Қисми хароҷоти буҷети ноҳия 98 фоиз иҷро гардидааст. Нақшаи солона 184,4 млн сомонӣ муқаррар шуда, аз ҳисоби буҷет 181,0 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Аз ҷумла сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 93 фоиз, маориф 98 фоиз, нигаҳдории тандурустӣ 99 фоиз, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 98 фоиз, хоҷагии манзилию коммуналӣ 99 фоиз, фарҳанг ва варзиш 99 фоиз ва хоҷагии қишлоқ 97 фоиз маблағгузорӣ карда шудаанд.

## СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2025 дар ноҳия 5466 субъекти хоҷагидор фаъолият менамоянд, ки 4669-тои онҳо соҳибкорони инфиродӣ ва 797-тои дигар шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

Дар соли 2024 нисбати соли 2023-юм 204 субъекти хоҷагидор дар ноҳия зиёд шудааст. Аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ дар давраи ҳисоботӣ 30 адад кам шуда, ҳамзамон шумораи соҳибкорони инфиродӣ тариқи патент 22 адад, тариқи шаҳодатнома ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус 141 адад ва шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 71 адад зиёд шудааст.

Дар соли 2024 аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 99,3 млн сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд, ки нисбат ба соли 2023-юм 17,4 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар ноҳия 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 11,4 млн доллари ИМА амалӣ шуда истодааст.





## РУШДИ КИШОВАРЗӢ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2240,1 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023-юм 152,8 млн сомонӣ зиёд иҷро гардидааст ва афзоиш 107,3 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2024 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 23,3 ҳазор гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ анҷом дода шуда, бо соли 2023-юм баробар мебошад. Кишти зироати асосӣ - пахта дар майдони 9,8 ҳазор гектар гузаронида шуда, иҷрои дурнамо 100,0 фоиз таъмин гардида ва истеҳсоли он дар соли 2024 ба 9,9 ҳазор тонна расонида шудааст.

Аз кишти анҷомдодашуда ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо 5756 гектар, зироатҳои техникӣ 10092 гектар, аз он пахта 9811 гектар, картошка 627 гектар, сабзавот 2443 гектар, полезӣ 1150 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 3244 гектарро дар бар мегирад.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 66309 сар, аз ҷумла модагов 41275 сар, гӯсфанду буз 143026 сар, паранда 144831 сар ва асп ба 1897 сар расонида шудааст.

## СОҲАИ САНОАТ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 264,8 млн сомонӣ расонида шуда, нисбат ба соли 2023-юм 7,1 млн сомонӣ ё 104,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ корхонаҳои саноатии ноҳия 1763,7 тонна равғани растанӣ, 1560,6 тонна нон ва маҳсулоти нонӣ, 283 ҳазору 730 тонна семент истеҳсол намудаанд.

Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия 34 ададро ташкил медиҳад.

## СОХТМОНУ НАҚЛИЁТ

Корҳои сохтмону васлкунӣ ба маблағи 60,1 млн сомонӣ иҷро шудаанд, ки нисбат ба соли 2023-юм 3,2 баробар зиёд мебошад. Дар масоҳати 14381 метри мураббаъ манзилҳои шахсии истиқоматӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд, ки нисбат ба соли 2023-юм 4,0 баробар зиёд мебошад.

Дар соли 2024 дар ноҳия аз ҳисоби маблағҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 245,8 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, корҳои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо иҷро карда шудааст. Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бошад, ба маблағи 1 млн 27 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар ин давра аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва саҳми аҳолӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 5 млн 193 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру азнавсозӣ, аз ҷумла, мумфаршкунӣ, сангфаршкунӣ, таъмири ҷӯрӣ ва сохтмони пулҳо (кӯпрукҳо) ба анҷом расонида шудааст.

## МАОРИФ ВА ИЛМ

Дар ноҳия 71 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 58 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 3 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, фаъолият доранд, ки дар онҳо 51 ҳазору 273 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 2368 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Инчунин дар ноҳия Коллеҷи энергетикӣ, Мактаби байналмилалии Президентӣ, гимназияи давлатӣ, мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳия, муассисаи таҳсилоти иловагӣ, Маркази таълимӣ-касбинтихобкунӣ, Маркази дарёфти рушди истеъдодҳо, Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва 17 муассисаи томактабӣ, аз он ҷумла ду муассисаи томактабии хусусӣ мавҷуд мебошанд.

Соли таҳсили 2023-2024 муассисаҳои таълимии ноҳияро 2075 нафар, аз ин шумора 869 нафар духтарон, синфи ёздаҳро хатм намудаанд.

## ТАНДУРУСТӢ ВА ФАРҲАНГ

Дар давраи ҳисоботӣ ба соҳаи тандурустӣ 37 млн 52 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ҷудо карда шудааст.

Дар муассисаҳои табобатии ноҳия 11 ҳазору 167 нафар беморон бистарӣ шуда, муоина ва табобат гирифтаанд.

Дар ноҳия 4 ҳаробаҳои ёдгориҳои таърихӣ, аз ҷумла, қалъаи Ҳалевард, қалъаи Лағмон, қалъаи Уртабуз-1 ва Уртабуз-2, 1 осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ, 1 боғи фарҳангӣ, 21 адад клуб, 38 адад китобхона, 1 мактаби мусиқӣ, 1 адад кинотеатр бо 300 нафар ҷойи нишаст, 1 адад қасри фарҳанг бо 500 ҷойи нишаст, 1 ансамбли тарона ва рақси "Илҳом", Хонаи рамзӣ ва хона-музейи Ҷалолиддини Балхӣ, дар умум 63 адад муассисаҳои фарҳангӣ арзи вуҷуд доранд.

## ВАРЗИШ ВА САЙЁҲӢ

Дар ҳудуди ноҳия 201 майдончаи варзишӣ, 31 толори варзишӣ, 1 маҷмааи варзишӣ, 10 майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, 1 варзишгоҳ ва 16 адади дигар иншооти махсуси варзишӣ фаъолият доранд.

Варзишгарони ноҳия дар 28 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, 32 адад медали тило, 39 адад нуқра ва 20 адад медали биринҷӣ ба даст овардаанд. Инчунин варзишгарони ноҳия дар 2 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби 2 медали биринҷӣ гардидаанд.

Дар соли 2024 ба ноҳия 1800 нафар сайёҳон ворид гардидаанд, ки аз онҳо 1688 нафар сайёҳони дохилӣ ва 112 нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

## ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Тавре раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Холиқзода Рустам Ҳикматулло изҳор дошт, дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми соли 2024 бунёди 59 бинову иншоот ба нақша гирифта шуда, то санаи 1-уми декабри соли 2025-ум 91 иншоот ба истифода дода шудааст, ки ин 154,2 фоизи нақшаи солонаро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, аз 340 адад иншооти умумии пешбинишуда 254 адади он мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

**Машраби АЛОВИДДИН**

## Бохтар: Аз бозсозии варзишгоҳ то баҳси судӣ



**Бештар аз як сол аст, ки дар “Варзишгоҳи Вахш”-и шаҳри Бохтар корҳои сохтмонӣ идома доранд. Варзишгоҳи мавриди назар пурра бозсозӣ шуда, ба талаботи замон мувофиқ карда хоҳад шуд.**

Абдулмаҷид Муминзод, раиси шаҳри Бохтар дар нишасти хабарӣ гуфт, ки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, шуруъ аз соли 2023 таъмиру азнавсозии варзишгоҳ оғоз гардида, корҳои сохтмонӣ то 80 дарсад иҷро шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар нишаст баррасӣ шуд, то ба суд рафтани баҳси дӯконҳои атрофи “Варзишгоҳи Вахш” мебошад. Муминзод мегӯяд, ки соли 2007 дӯконҳои атрофи варзишгоҳ ғайриқонунӣ хусусӣ шуда буданд. Дар ду марҳила ҳалномаи суд ба манфиати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ҳал шуд.

## Кӯшониён: Бекорӣ коҳиш меёбад



**Соли 2024 дар ноҳияи Кӯшониён бо баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ наздики 250 ҳазор нафар бо кор таъмин шуданд. Вале ҳанӯз ҳам шумораи нафароне, ки ба кор эҳтиёҷ доранд, кам нестанд.**

Махмадшариф Холзода, раиси ноҳияи Кӯшониён дар нишасти хабарӣ гуфт, ки соли 2024-ум 247 нафар бо кор таъмин шудаанд: “Албатта ин кам аст ва мо кӯшиш мекунем дар соли равон сокинони бекор бо ҷойи корӣ таъмин шаванд”. Кӯшониён яке аз ноҳияҳои сераҳолии вилояти Хатлон буда, феълан 276 ҳазор ҷамъият дорад.

## Вахш: Сохтмони 21 корхонаи саноатӣ то соли 2026



**Дар назар аст, ки дар доираи панҷсолаи рушди саноат дар ноҳияи Вахш 21 корхонаи саноатӣ бунёд шавад. Баъди ифтитоҳи панҷ корхона, аллакай беш аз 500 ҷойи кории нав ташкил гардидааст.**

Курбон Кувватов, раиси ноҳияи Вахш дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки “дар нақша дорем то соли 2026-ум 21 корхонаи саноатӣ бунёд кунем. То имрӯз панҷ корхона ифтитоҳ шудааст, ки зиёда аз 500 нафар соҳиби ҷойи кор шудаанд”. Ӯ мегӯяд, ки барои дар майдони 30 гектар сохтмони ду корхонаи истеҳсоли хишти пухта ва як корхонаи парандапарварӣ ва харгӯшпарварӣ ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии виояти Хатлон мактуб кардаанд. “Дар ин замин боз дигар корхонаҳо ҳам бунёд мешаванд”,- таъкид кард вай.

## Дӯстӣ: Бунёди аввалин баландошёна



**Бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ташаббуси соҳибкорон дар ноҳияи Дӯстӣ бунёди иншооти баландошёна оғоз шудааст. То ин замон дар ноҳияи Дӯстӣ бинои баландошёна мавҷуд набуд.**

Даврон Нишонзода, раиси ноҳияи Дӯстӣ дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҷиҳати шоиста истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар дар ноҳия бунёди ҳафт бинои баландошёна дар нақша аст ва сохтмони як бино аллакай шуруъ шудааст. “Биноҳои баландошёна бо тарзи муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи меъмории шаҳрсозӣ сохта мешаванд. Дар умум дар ноҳияи Дӯстӣ бунёди беш аз 265 иншооти таъиноти гуногун дар назар аст ва то имрӯз чанде аз онҳо ба истифода дода шудааст.

## Носири Хусрав: Азнавсозии “Чилучорчашма”



**Зиёратгоҳи маъруфи таърихии “Чилучорчашма” навсозӣ шуда истодааст. Мавзеи мавриди назар ҷойи асосии тамошои сайёҳони хориҷӣ мебошад.**

Маҳмадаюб Шарифзода, раиси ноҳияи Носири Хусрав зимни нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки корҳои таъмиру азнавсозӣ дар мавзеи “Чилучорчашма” идома дорад. Дар ин зиёратгоҳ чанд иншооти муосир бунёд карда хоҳад шуд.

Дар ноҳияи Носири Хусрав 32 ёдгории таърихӣ мавҷуд аст. Вале зиёратгоҳи маъруфу таърихии “Чилучорчашма” яке аз маконҳои асосӣ барои меҳмонони дохил ва хориҷи кишвар маҳсуб меёбад. Он бо чашмаҳои шифобахш ва обҳои мусаффо дар кишвар ва берун аз он машҳур гардидааст.

## Хуросон: Фоида кам, зарар зиёд



**Дар ҷамоати деҳоти Қизил-Қалъаи ноҳияи Хуросон дар наздикии хонаҳои мардум хумдонҳои оҳакпазӣ фаъолият мекунанд, ки ин барои саломатии онҳо бетаъсир нест.**

Носир Суризода, раиси ноҳияи Хуросон ҳам дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки чанд маротиба ба онҷо рафтааст: “Ман соҳибкоронро даъват карда гуфтам, ки фаъолияти шуморо дар соли 2025 манъ мекунам. Онҷо мардум зиндагӣ доранд ва боз муассисаи таълимӣ аст, кӯдакон меравад. Онҳо андози зиёд месупоранд. Лекин зарари онҳо ба миллионҳо рафта расида истодааст”.

Раиси ноҳия дар толор ба масъулини ҳифзи муҳити зист ва дигар идораҳои дахлдор супориш дод, то дар соли 2025 фаъолияти хумдонҳо манъ шавад.

## Левакант: Мактаб дар ҳамкорӣ сохта мешавад



**Дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон, мувофиқи баъзе маълумотҳо, сохтмони муассисаи таълимӣ барои 1176 хонанда ҳанӯз соли 1987-и асри гузашта оғоз шуда буд. Мутаассифона, бо сабаби маблағгузорӣ нашудан сохтмон то кунун ба охир нарасидааст.**

Мастура Табарӣ, раиси шаҳри Левакант дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ба вазорату идораҳои дахлдор мактуб кардаанд. Ин масъала зери таваҷҷуҳ аст ва барои пурра ба охир расонидани корҳои сохтмонӣ талош доранд: “Мо аллакай ба вазоратҳо ҳам мактуб кардем. Дар ҳамкорӣ бо шариконӣ рушд масъала ҳал карда мешавад”.

## Қубодиён: Мушкили чандсола ҳал мешавад



**Барои таъмини фароғату истироҳати сокинон дар ноҳияи Қубодиён ягона мушкилӣ набудани боғи фарҳангӣ - фароғатӣ аст. Феълан ноҳия беш аз 205 ҳазор аҳолӣ дорад, аммо ҳанӯз ҷой барои истироҳати сокинон мавҷуд нест.**

Мирзодавлат Сабурзода, раиси ноҳияи Қубодиён дар нишасти матбуотии хеш гуфт, ду ҳафта шудааст, ки корҳои сохтмонӣ дар боғи фарҳангӣ - фароғатӣ оғоз шудааст. Замини боғ 7 гектар аст.

“Соли 2022 замини боғро ба як соҳибкор ба муҳлати 20 сол ба иҷора дода буданд. Баъзе нофаҳмиҳо буд. Аллакай ин мушкилӣ ҳалли худро ёфт”,- гуфт раис. Ӯ таъкид кард, ки дар марҳилаи аввал дар 3 гектар боғ ташкил мешавад.

## Ҷайҳун: Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ



**Дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ беш аз 3 миллиарду 278 миллион сомониро ташкил кардааст.**

Абдулҳафиз Одиназода, раиси ноҳияи Ҷайҳун мегӯяд, ки соли гузашта 23 ҳазору 982 гектар кишти зироати кишоварзӣ гузаронида шудааст. Ба таъкиди вай, дар майдони 7 ҳазору 490 гектар пахта кишт шуда, нақшаи ҷамъоварии он 100 дарсад таъмин гардидааст: “Соли 2024 мувофиқи нақша 14 ҳазору 300 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд, ки назар ба соли 2023-юм 1000 тонна зиёд аст”. Ин дар ҳолест, ки соли гузашта аксари шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нақшаи ҷамъоварии пахтаро пурра иҷро карда натавонистанд.

## Панҷ: Идораи коммуналӣ аз ҳолати ногувор мебарояд



**Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Хатлон Идораи коммуналии ноҳияи Панҷро барои дар ҷойи номувофиқ партофтани партов беш аз 200 ҳазор сомонӣ ҷарима карда буд. Ин ҷарима барои як идораи ба қавли мардум “қарздору афгор” каму ғам нест.**

Акмал Иброҳимиён, иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Панҷ дар нишасти хабарӣ гуфт, ки ба хотири тозагӣ ин корхона аз ҳолати ногувор бароварда мешавад: “Дар асл тозагии шаҳраки Панҷ аз фаъолияти ҳамин корхона вобастагӣ дорад. Якумдараҷа мо бояд корхонаро аз ҳолати ногувор барорем. Танҳо 188 ҳазор аз андоз қарздор аст. Бо Кумитаи андоз мувофиқа кардем ва қарзро марҳила ба марҳила то декабри соли 2025 месупорем”.

Асомиддин Асламов, роҳбари корхонаи коммуналии ноҳияи Панҷ таъкид кард, ки “дар ҳақиқат ҷарима шудааст нисбати корхонаи мо. Мо дар ин самт корбарӣ мекунем”.

**Машраби Аловиддин, вилояти Хатлон**

Хайринисо Расулӣ:

# АВВАЛ КАСБ, БАЪД ШИКАМ!

**"Ҷомеа аз се қисм иборат аст: мағзи сар, сандуқи сина ва шикам. Вақте сухан дар бораи роҳбарӣ меравад, пеш аз ҳама бояд мағзи сар, яъне андеша ва дониш авлавият дошта бошад. Сандуқи сина, ки рамзи муҳофизону ниҳодҳои назоратӣ аст, нақши худро дорад ва шикам ҳамчун рамзи эҳтиёҷоти моддӣ низ муҳим аст. Аммо журналист мағзи ҷомеа аст, зеро бо фикр ва сухани худ ҷаҳонбинии мардумро ташаккул медиҳад",- мегӯяд рӯзноманигори шинохта Хайринисо Расулӣ, ки ин ҳафта ба аёдаташ рафтем.**





**- Имрӯзҳо ба чӣ кор машғул ҳастед?**

- Дар хидмати наберaҳо ҳастам. Пас аз соли 2015, ки ба нафақа баромадам, вақтамро бештар барои таълиму тарбияи онҳо мегузаронам. Дар ҷавонӣ чун аз паси кор будам, ба воя расидани фарзандонамро эҳсос накардам. Бинобар ин, мекӯшам дар тарбияи наберaҳо саҳм гузорам. Вале камтар бароям вақт тангӣ мекунад. Субҳу шомро ҳис намекунам, рӯзҳо тез мегузаранд. Ба ҳар ҳол бекор ҳам набудам. Китоби “Таърихи забони форсӣ”-и Ҳомариро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардам. Ҳоло ба Академияи миллии илмҳо супоридам. Агар ба чоп расад, бовар дорам барои насли ҷавон муфид хоҳад буд. Ҳамин аст машғулияти ин рӯзҳои ман. Ба сомонаҳо медароям, аз рӯйдодҳои охир хабар мегирам, вале мутаассифона дар деги журналистика намеҷӯшам.

**- Чӣ сабаб шуд, ки пешаи журналистиро интихоб кардед?**

- Сабаби рӯзноманигор шудани ман як воқеаи тасодуфӣ буд. Вақте ҳамроҳи шавҳарам ба Душанбе омадем, дар хобгоҳ зиндагӣ мекардем. Ҳамсояамон, ки хабарнигори рӯзномаи «Вечерний Душанбе» буд, чанд матлабашро барои тарҷума ба ман дод. Ман бо шавқ онҳоро аз русӣ ба тоҷикӣ гардондам. Ӯ пас аз хондани тарҷумаҳо гуфт, ки қалами хуб дорам ва маро ташвиқ кард, ки дар матбуот худро бисанҷам. Бо маслиҳати ӯ ба идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» рафтам. Аввал чанд матлаб пешниҳод кардам, ки дертар чоп шуданд. Ҳамин тавр, ман худро дар ин касб ёфтам ва рӯзноманигорӣ шуғли якумраи ман шуд.

**- Шумо солҳои зиёд дар матбуот фаъолият кардаед. Дар оғози фаъолияти худ бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ мешудед?**

- Оғози ҳар роҳ мушкилоти худро дорад. Ҳангоми шурӯи кори журналистӣ, яке аз монеаҳои асосӣ пайдо кардани ҷойи кор ва чоп шудани матлабҳо буд. Дар аввал, ҳатто вақте ки ба редаксияҳо мақола мебурдам, онҳо маро ташвиқ мекарданд. Вале аз чӣ бошад, ки чоп намешуд. Баъд ман ҳар бор ба худ мегуфтам, ки ин бори охир аст, ки мақола менависаму ба дари редаксия меоям. Бо вуҷуди ин, ман идома додам, пайи ҳам матлаб менавиштам ва пас аз як моҳи кӯшиш, аввалин маводи ман дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба табъ расид. Ин барои ман як лаҳзаи хотирмон буд, ки гӯё ҳис кардам барои ин касб зода шудаам. Гарчанде аз хурдӣ падарам мегуфтанд, ки ин касб барои духтар нест. Ва ҳатто ман дар аввал пешаи омӯзгориро ба худ гирифтам, вале шавқам нагузошт дар ин самт фаъолият дошта бошам.

**- Фикр мекунед барои як духтар инхоби касби ояндааш ба ихтиёри худаш бошад, хуб аст ё волидон?**

- Тавре гуфтам, ман ихтисосамро бо тавсияи волидон интихоб кардам, вале бо вуҷуди ин боз ба сӯи шавқу ҳаваси худ рафтам. Аз ин рӯ, мегӯям, ки бигзор худи онҳо интихоби озод дошта бошанд. Ман як духтар ва ду писар дорам, онҳоро озод гузоштам. Ҳамаашон ба самти илмҳои дақиқ рафтанд. Як писарам дар хурдиаш кам-кам шоирӣ мекард, вале дар синфҳои болоӣ дигар ба ин самт майл накард. Шукр, ки имрӯз ҳамаашон соҳиби кору оилаи солим ҳастанд. Ман ҳам чун ба ихтиёри худ ба журналистика рӯ овардам, фикр мекунам ҳамин боис гардид, ки ҳеҷ гоҳ аз ин самт дилгир нашудам. Дӯст доштам ва то тавони охир талош кардам барои хонандаам чизе дода тавонам.

**- Шумо дар тӯли фаъолияти худ бо шахсиятҳои бузурги илму адаб ва сиёсат ҳамсуҳбат шудаед. Кадом мулоқот ё мусоҳиба бароятон хотирмонтар аст?**

- Бале, дар тӯли фаъолиятам бо афроди зиёде ҳамсуҳбат шудаам, ки як сухан ё ҳатто як ҳаракати онҳо ба ман илҳом дода, ба пешрафти касбиам мусоидат кардааст.

Ҳанӯз дар замони таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо устодоне рӯ ба рӯ шудам, ки барои тарбияи фикрӣ ва рушди шахсияти ман талошҳои зиёд карданд. Онҳо ба ман на танҳо дониш, балки тарзи дурусти андешидан ва арзёбии воқеиятро омӯзониданд.

Дар касби рӯзноманигорӣ бошад, ман ҳеҷ гоҳ намехостам аз мавқеи худ барои манфиатҳои шахсӣ истифода барам. Ҳар мусоҳиба барои ман як дарси нав буд, як имконият барои гирифтани таҷриба ва афзудани дониши худ. Дар зеҳнам ҳамеша як меъёр ҷой дошт - ҳеҷ гоҳ сухани сӯзанда нанависам, балки ҳамон иттилоотеро паҳн кунам, ки барои ҷомеа судманд бошад ва ба касе зарар нарасонад. Зеро рисолати аслии рӯзноманигор танҳо иттилоъ додан нест, балки масъулият дар назди ҷомеа низ мебошад.

**- Аз нигоҳи шумо, кадом фазилатҳо барои як журналисти воқеан касбӣ муҳиманд?**

- Журналист бояд ҳушёр, воқеъбин, кунҷков ва боинсоф бошад. Ҳақиқатпарастӣ муҳим аст, зеро масъулияти журналист - расонидани маълумоти дуруст ба мардум аст. Сипас, қобилияти таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи рӯйдодҳо низ нақши муҳим мебозад. Бубинед, вақте журналист шудед, шумо наметавонед аз сиёсат дур монед. Хоҳед нахоҳед, олуда мешавед. Барои ҳамин набояд барои сафед кардани як нафар каси дигареро сиёҳ кард.

**- Дар охир, агар ба як журналисти ҷавон як маслиҳати муҳим medoдед, он чӣ мебуд?**

- Ҳеҷ гоҳ аз омӯзиш ва такмил додани худ даст накашед. Журналист бояд ҳамеша дониш андӯзад, ҳақиқатро ҷӯяд ва аз масъулияте, ки бар дӯш дорад, огоҳ бошад. Агар касбро бо муҳаббат интихоб кунед, ҳама мушкилот паси сар хоҳанд шуд. Замони мо журналист танҳо як қалам дошт. Ҳоло бошад, барои пешрафти ҷавонон шароити зиёд фароҳам омадааст, аз онҳо истифода бурда, журналистикаи кишварро рушд диҳанд.

**Мусоҳиб: Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**




**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# БА ТОҶИК ХОНА ДОДУ БОЗДОШТ ШУД

## Идомаи қазияи Таҳмина Самадова

**Кумитаи тафтишоти Русия дар робита ба додани хона ба як зодаи Тоҷикистон муовини шаҳрдори Митиширо боздошт кардааст.**

Ба гузориши расонаҳои русӣ, ин мақомдори шаҳри Митиши ба он муттаҳам мешавад, ки асноди зодаи Тоҷикистон Таҳмина Самадоваро дуруст насанҷидааст. Аз ҷумла, ин мақомдорро ба он муттаҳам кардаанд, ки даромади Самадова ва ҳамчунин чигуна дар як ҳуҷра зиндагӣ кардани 13 нафарро тафтиш накардааст.

Сомонаи Хадамоти федералии Русия навиштааст, ки муовини шаҳрдор сардори комиссияе буд, ки хонаводаи Таҳмина Самадоваро ҳамчун хонаводаи камбизоат эътироф карда, сертификати хонаро додааст.

Ӯ ба ин айбдор шудааст, ки дар раванди тасдиқ маълумот дар бораи даромад ва аъзои оилаи зодаи Тоҷикистонро дуруст насанҷидааст. Гӯё Самадова даромади шавҳарашро кам нишон додааст.



Муфаттишон алайҳи муовини шаҳрдори Митиши тибқи моддаи 293-и Кодекси ҷиноятии Русия ("хунукназарӣ") парвандаи ҷиноятӣ боз кардаанд. Инчунин, пас аз тафтишот, хонаводаи Таҳмина Самадоваро аз рӯйхати хонаводаҳои камбизоат бароварда шудааст.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 13-уми январи соли равон шаҳрдори Митиши ба оилаи серфарзанди Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов шаҳодатнома барои гирифтани манзил дод. Дар ин хабар гуфта мешуд, ки ин оила 7 кӯдак, аз ҷумла се духтару чаҳор писарро ба воя мерасонанд. Хона ба оилаи тоҷик дар доираи барномаи давлатии дастгирии оилаҳои серфарзанд дода шуд.

Гуфта мешавад, ки оилаи Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов 14 сол пеш ба Русия рафта, соҳиби шаҳрвандӣ шудаанд. Чор фарзанди онҳо дар Русия ба дунё омадаанд.

Пас аз нашри ин хабар корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар шарҳҳо ба ҳақорату таҳқири ин хонавода оғоз карданд ва норозигӣ баён намуданд. Раиси Кумитаи тафтишоти Русия Александр Бастрикин низ ба ин баҳсҳо вокуниш нишон дод. Ӯ дастур дод, ки қазияи тақдими хона ба ин оилаи серфарзанди тоҷик дар шаҳри Митиши санҷида шавад.

Ҳафтаи гузашта Таҳмина Самадоваро бо иттиҳоми қаллобӣ боздошт карданд. Бо сабаби ҳомила буданаш ӯро то поёни баррасии парванда озод кардаанд.

# ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ КӮДАКРО АЗ МАРГ НАҶОТ ДОД

**Дар вилояти Маскав Бахтиёр Исмоилов, як зодаи Тоҷикистон кӯдаки 11-моҳаро, ки дар канори шоҳроҳ тақрибан урён чорпо мегашт, наҷот дода, ба наздиконаш супоридааст,- хабар медиҳад хабаргузории Regnum.ru.**



Манбаъ аз қавли ин ҷавон навиштааст, ки "соати тақрибан 4-и субҳ (ба вақти Маскав) вақте аз кор ба хона бармегашт, дар наздики деҳаи Станово ҷисми сафедро мушоҳида кард, ки ба рӯи шоҳроҳ мебарояд. Дар аввал фикр кард, ки ин ҷисм харгӯш ё гурба аст. Барои эҳтиёт мошинро яктарафа кард, то ҷисмро пахш накунад. Вале чун наздик шуд, кӯдакро дид ва фавран таваққуф карда, ӯро, ки беист мегирист ва сармо хӯрда буд, ба мошини гарм гузошт ва ба ёрии таъҷилӣ ва пулис занг зад".

Ба нақли ӯ, баъди тақрибан 10 дақиқа дар маҳали ҳодиса зане пайдо шуд, ки худро бибии кӯдак муаррифӣ кард ва бо ғазаб талаб намуд, ки кӯдакро ба ӯ диҳад.

Ҳарчанд Бахтиёр Исмоилов чанд маротиба аз ӯ пурсид, ки агар бибиаш аст, чаро кӯдак дар ин вақт нимурён дар роҳ асту оё метавонад ба волидайни кӯдак занг занад, вале зан посухи мушаххас надод.

"Вай (бибии кӯдак) фикр мекард, ки кӯдакро аз хатар ҳифз мекунад ва ба ҳамин сабаб ӯро дар ҳавои сард урён гузоштааст",- менависад манбаъ. Дертар маълум шуд, ки ин зан гирифтори бемории руҳӣ аст.

Баъди омадани дастаи ёрии таъҷилӣ, кормандони пулис, Кумитаи тафтишот ва хадамоти ҳифзи кӯдакон дар Русия ба маҳали ҳодиса, модари кӯдак низ пайдо шуда, духтари 11-моҳаашро гирифт.

Бахтиёр Исмоилов дар суҳбат бо телевизиони "Маскав 24" гуфтааст, ки барои ин кораш ба мукофотпулӣ пешниҳод кардаанд, вале ӯ нагирифт. Чун, ба гуфтааш, қарзи шаҳрвандиашро иҷро кард.

Бахтиёр зиёда аз 20 сол боз дар Русия зиндагӣ ва дар як ширкати интиқоли ғизо кор мекунад. Ӯ як писар дорад. Ӯ шаҳрвандии Русияро барои худ ва фарзандаш гирифтааст, аммо ҳамсараш ҳанӯз шаҳрванди Тоҷикистон боқӣ мондааст.

# ХОНАҚАЛЛОБ

## Боздошт баъди мақолаи "Тоҷикистон"

**Фатҳиддинзода Сулаймон, сокини 26-солаи шаҳри Ҳисор бо гумони силсилаи ҷиноятҳои қаллобӣ дастгир карда шуд. Дар бораи яке аз ҷиноятҳои ӯ дар шумораи №5 (аз 29-уми январ)-и ҳафтаномаи "Тоҷикистон" матлабе нашр карда будем.**

Бино ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, номбурда дар сомонаи интернетии «Сомон ТҶ» дар бораи ба иҷора додани манзилҳои истиқоматӣ эълони бардурӯғ нашр намуда, шаҳрвандони зиёдеро фиреб додааст.

"Гумонбаршаванда тарики ҳамёни электронӣ ҳамчун пешпардохт аз шаҳрвандон маблағҳои гуногун гирифта, ба манфиати худ сарф намудааст",- иттилоъ медиҳад мақомоти милитсия.

Ёдовар мешавем, ки дар матлаби "Тоҷикистон", ки "Фиреб барои иҷораҳона" ном дошт, воқеае нақл мешавад, ки ду нафар зан, яке хушдомону дигаре келин аз "Сомон ТҶ" иҷора мекобанд. Баъдан бо соҳиби ин хона вохӯрда, нархи иҷораро 2400 сомонӣ гапзанон мекунанд ва чанд моҳ пешпардохт ҳам менамоянд. Вале вақте ба суроғаи додашуда мераванд, соҳиби хона тамоман дигар одам буд. Яъне чавон ду занро фиреб карда буд.



Инак он чавон боздошт гардид.

Гуфта мешавад, ки шаҳрвандон агар мавриди фиреби Фатҳиддинзода С. қарор гирифта бошанд, тавассути рақамҳои 018-02-02-02 ба милитсияи пойтахт муроҷиат намоянд.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Раиси Амонатбонк Алиҷон Салимзода сабаби пеш аз муҳлат қатъ шудани иқдоми қарз тахти унвони "Орзуҳои солинавӣ"-ро шарҳ дод.**

Ӯ дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки моҳи декабри соли 2024 аз ҷониби Амонатбонк иқдоми пешниҳоди қарз тахти унвони "Орзуҳои солинавӣ" бо 16% -и солона роҳандозӣ гардид. Иқдоми бонк бояд то охири моҳи январи соли 2025 идома мекард. Аммо охири моҳи декабри соли 2024 пешниҳоди қарз ба мизоҷон манъ шуд. "Нақшаи пешниҳоди иқдом пеш аз муҳлат анҷом ёфт. Яъне, 10 ҳазор мизоҷ 100 миллион сомонии пешбинишударо дар як моҳ гирифтанд", - гуфт Алиҷон Салимзода.



**Соли гузашта дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 20 озмоишгоҳ ба истифода дода шуд. Тамоми озмоишгоҳҳо бо асбобу технологияи замонавӣ таъминанд.**

Президенти АМИТ Қобилҷон Хушвахтзода иброз дошт, ки дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ 16 озмоишгоҳ, дар Институти физикаю техникаи ба номи Султон Умаров, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растанӣ, Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловский 3 озмоишгоҳи муҷаҳҳаз бо беш аз 60 номгӯй асбобу таҷҳизоти муосири илмӣ ба истифода дода шуд.



**Бинои асосии Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳритус, ки беш аз 20 сол боз валангор аст, бозсозӣ мешавад. Ин нукта зимни нишасти матбуотӣ дар ноҳияи Шаҳритус зикр гардид.**

Тағоӣ Абуллозода афзуд, ки "мо чанд сол аст бо Агентии "Ҷайка" (JICA)-и давлати Ҷопон ва дигар ташкилотҳо ҳамкорӣ дорем. Агар хато накунем, мумкин то ҳамин шашмоҳа бино пурра таъмир шавад".

Тағоӣ Абдуллозода меғӯяд, ки дар сурати аз ҷониби шарикони рушд дастгирӣ нашудан, бо сахми мақомоти маҳаллӣ ва табибон бино таъмир мешавад.

# АЛАФЧОЙ БАРОИ САРДАРД



*Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳастам. Маълум аст, ки дарс додан дар мактаб басо душвор аст, зеро сол то сол бачаҳо шӯхтар шуда истодаанд ва ҷони муаллимонро ба лабашон меоранд. Намедонам аз асабонияти зиёд бошад ё бо ягон сабаби дигар, ки вақтҳои охир сарам тез-тез ба дард медароянд. Дору истеъмол мекунам. Мегӯянд, ки зарар дорад. Тиби мардумӣ ба ман чӣ тавсия медиҳад?*

*ФАРИЗА, н. Рӯдакӣ*

**Ба ин савол табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ посух мегӯяд:**

- Одатан сардард бар асари фишори баланд ё баръакс, пасти хун, асабоният, сармохӯрӣ, вайроншавии ғизо дар меъда, варамҳои гуногуни мағзи сар ва пардаи он, мигрен, фишори дохили сар, атеросклероз, камхунӣ ва саратони хун ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, пеш аз ҳама ташхис гузаронида, сабаби бемориро муайян кардан лозим аст. Гоҳо чунин ҳам мешавад, ки сабаби дарди сар маълум нест. Дар чунин мавридҳо чанд гиёҳи оддӣ метавонанд ба дарди бемор даво бахшанд. Ман истифодаи чанд намуд гиёҳчой ва давоҳои алафиро ба шумо тавсия медиҳам, ки дарди сарро ба зудӣ рафъ месозанд.

**Аввал.** Як қошуқи ошхӯрӣ пудинаи боғиро дар чойник андохта, аз болояш 250 грамм оби ҷӯшомада резед ва монед ним соат истад, сипас соф карда, дар давоми рӯз кам-кам аз он бинӯшед. Пудинаи боғӣ сардарди номаълум ва дарди сари бар асари ташаннуҷи мӯйрагҳо ба вуҷуд омадаро нест мекунад.

**Дуюм.** Яккошуқӣ гиёҳҳои бобуна ва пудинаро дар ним литр оби ҷӯш дам карда, нисфашро бегоҳ пеш аз хоб ва ними дигарашро субҳгоҳон бинӯшед, дарди сар шуморо азият намедиҳад.

**Сеюм.** Дарди сар дар натиҷаи чалақидани он (сотресение) ба вуҷуд омада бошад, давояш истеъмоли гарди гул (перга) аст. Миқдори перга барои калонсолон яккошуқчагӣ 3 маротиба, барои кӯдакон бошад, нимқошуқчагӣ се бор аст.

# ТУХМ - ОМИЛИ ҚАДБАЛАНДӢ

Дар бораи тухм низ табибон тавсияҳои ҷолиб додаанд. Аммо дар даҳсолаи охир дар хусуси тухм фикрҳои манфӣ зиёд шунида мешавад. Баръакси ин гуфтаҳо, зимни як тадқиқоте, ки олимони соҳаи тиб гузаронидаанд, дақиқ карда шуд, ки пӯсти тухм аз моеи тухм дида фоидаи бештар доштааст. Дар натиҷаи тадқиқот маълум гардидааст, ки дар таркиби пӯсти тухм аз ҳама бештар моддаҳое дида мешаванд, ки барои дароз кардани қад мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, тухм аз миқдори зиёди витаминҳо ва минералҳо бой мебошад.





# КАФИДАНИ ПОЙ НИШОНАИ ДИАБЕТИ ҚАНД АСТ?

**Кафидани пой, ки ба назар як чизи оддиву маъмулӣ менамояд, метавонад нишонаи касалии қанд бошад. Дар ин бора духтур ва ровии машҳури рус Герман Ганделман дар пахши мустақими барномаи “Жить здорово!” маълумот дод.**

Ба гуфтаи ин табиб, кафидани пой, ки як падидаи хеле оддӣ ва маъмулӣ ба ҳисоб меравад, метавонад нишонаи мубтало будани шахс ба бемории қанд бошад.

Ба гуфтаи Ганделман, касалии қанд пеш аз ҳама кори рагҳои хунгард ва торҳои асабро вайрон менамояд ва ин боиси ба таври зарурӣ ғизо гирифта натавонистани қисматҳои поёнии ҷисми инсон гашта, боиси торс-торс кафидани пӯсти пойҳо мегардад.

Андешаи Герман Ганделманро ҳамкасбаш Елена Малишева низ тасдиқ намуда, мегӯяд, шахсоне, ки ба бемории қанд мубтало гаштаанд, ҳиссиёташон суст шуда, дардро чандон ҳис намекунанд.

Герман Ганделман дар барномаи «Жить здорово!» ба шахсоне, ки пӯсти пойҳояшон тез-тез мекафад, маслиҳат додааст, ки глюкометр харида, қандашонро бисанҷанд ва ё барои фаҳмидани сатҳи глюкоза дар хунашон ба табибон муроҷиат намоянд.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ин ҳафта ба ҳолати рӯҳиятон барбод рафтани умедҳоятон зарбаи сахт мезанад. Озурда набошеду зиндагиро идома диҳед. Чоршанбе сафари корие дар назар аст. Кӯшиш кунед, ки шиносоиҳои навро ба манфиати худ истифода баред.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Эҳсоси нотавонию хастагӣ оҳиста - оҳиста бартараф хоҳад шуд. Айёми бурду барори зодагони бурҷи савр фаро мерасад. Сешанбе орзуи деринатон амалӣ хоҳад гашт. Нимаи дуюми ҳафта даромади калони пулиро интизор бошед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Ҳафта барои зодагони бурҷи ҷавзо бобарор ба ҳисоб меравад. Пайдо шудани манбаи нави даромад ва шариконИ нави корӣ руҳатонро болида мегардонад. Нимаи дуюми ҳафта мушкилие пеш меояд. Бояд ақли худро кор фармоеду мушкилатонро мустақилона ҳал намоед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ин ҳафта зодагони бурҷи саратон бештар ба кор дода мешаванд. Мушкилиҳоятонро танҳо бо қувваи худ ҳал намудан душвор мешавад. Гарданшахӣ накарда, аз дӯстонатон кумак пурсед. Нафарони муҷаррад ба меҳмонӣ рафта, эҳтимол дӯстдоштаи худро ёбанд.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Ин ҳафта ба рафтору кирдоратон диққат диҳед, назарбаландӣ дарди сари худатон мешавад. Моҷарое сар зада, аз дӯстону наздиконатон шуморо дур мекунад. Нимаи дуюми ҳафта барои ҳалли мушкилоте маблағи калон зарур мешавад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ин ҳафта дар коргоҳатон ба хатои хурдакаке роҳ медиҳед, ки мушкилиҳои калонеро пеш меорад. Озурдагӣ накунеду минбаъд ҳамеша бодиққат бошед. Нимаи дуюми ҳафта аз шунидани хабари хуш табъатон болида мегардад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Дар ин ҳафта агар каме чаққонӣ кунеду бо андеша амал намоед, даромади калон ба даст хоҳед овард. Дар сарф намудани пул ба саросемагӣ роҳ надиҳед. Маблағи пасандозкардаатон рӯзе ба кор меояд. Дар ҷодаи ишқ баъзеҳоро нокомӣ интизор аст.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Ҳафта барои бастани ҳар гуна шартномаҳо бобарор ба ҳисоб меравад. Пайдо шудани шарики нави корӣ метавонад маҷрои корро дигар кунад. Барои ба даст овардани маблағ каме кӯшиш бояд кард. Агар аз тахти дил меҳнат кунед, албатта ба мақсад мерасед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ин ҳафта корҳоятон табъи дил сурат намегиранд. Бадхоҳон аз боварии шумо истифода бурда, нақшаҳоятонро барбод медиҳанд. Дар коргоҳ забонатонро аз ғайбат нигоҳ доред, вагарна хавфи бекор монданатон дар назар аст. Даромади начандон калони пулиро интизор бошед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ин ҳафта ҷаддиҳоро гирифтани вазифаи нав ва сердаромад дар назар аст. Сешанбе ба эҳсосот дода нашаведу пайи амалӣ намудани орзуҳои болохонадор кӯшиш намоед. Агар сидқан кор кунед, кордатон болои равған мегардад ва соҳиби ному нони калон гашта метавонед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ин ҳафта фаъол ва дар ҳама кор пешқадам бошед. Кушода шудани имкониятҳои наве дар назар аст, ки вазъияти молиявии зодагони бурҷи далвро тағйир медиҳад. Нафарони оиладор ин ҳафта бояд ба рашки хонумонсӯз роҳ надиҳанд, то кор ба хонавайронӣ нарасад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ин ҳафта ҳутҳоро зарур мешавад, ки барои ҳал намудани тақдири худ каме фикр кунанд. Чанд вақт аст, ки сирреро аз ошиқатон пинҳон медореду фурсати мусоид меҷӯед, то ба гуноҳатон иқрор шуда, узр пурсед. Ин ҳафта барои ин кор вақти беҳтарин аст.

# ҚАБЛ АЗ МАДОННА ВА БИОНСЕ ГУГУШ БУД...

**Гугуш, устураи мусиқии попи Эрон эълом кард, ки ба зудӣ китоби хотироташ ба забони инглисӣ ва форсӣ мунташир хоҳад шуд. Унвони инглисии китоб "Гугуш, як садои гуноҳкор" аст, ки қарор аст декабри соли 2025 мунташир шавад.**



Гугуш мегӯяд, ки кори нигориши китоби хотироташро аз соли 2015-и милодӣ, ҳудуди даҳ сол пеш бо ҳимояти дӯсташ Партав Деҳлавӣ ва ҳамчунин духтари ӯ Торо Деҳлавӣ шуруъ карда ва ин китоб "ба зудӣ мунташир хоҳад шуд".

Гугуш мегӯяд, ки тарҷумаи форсии ин китоб аз сӯйи Ҳумо Саршор анҷом шудааст ва ҳамзамон бо нусхаи инглисӣ, нусхаи форсии он ҳам мунташир хоҳад шуд.

Дар сомонаи "Голери букз"-и интишороти маъруфи Соймун анд Шустер ( Simon & Schuster), аз ноширони бузурги Амрико дар бораи ин китоб омада: "Қабл аз ин ки Мадонна (Madonna) бошад ё Биёнсе (Beyoncé) бошад, Гугуш буд. Барои аввалин бор, яке аз бузургтарин ситораҳои попи қарни бистум, достони шигифтангези худро таъриф мекунад: ба шуҳрат расидани ӯ дар Эрони қабл аз инқилоб, дастгирӣ ва зиндон, табъиди 20-солааш ва дар ниҳоят бозгашти пирӯзмандонааш ба саҳнаи ҷаҳонӣ".

Ин бори аввал дар таърихи мусиқии Эрон аст, ки яке аз бузургтарин ситораҳои попи қарни 20-ум достони шигифтангези зиндагии худро ривоят мекунад.

Гугуш, ки номи аслиаш Фоиқа Аташин аст, яке аз сарояндаҳои бузурги форсизабон мебошад. То ғалабаи Инқилоби исломӣ дар Эрон кору зиндагӣ мекард ва солиёни зиёдест, ки дар Аврупо ва Амрико зиндагӣ мекунад. Гугуши 75-сола соли 2024 бо баргузор кардани силсилаи барномаҳои ҳунарӣ ба фаъолияти худ хотима гузошт.

# КАТИБАИ ФОРСИИ КАЛТАМАНОРИ ХИВА

**Калтаманор (Манори кӯтоҳ), ки Кӯкманор (Манори сабз) низ номида мешавад, бо дастури Муҳаммад Аминхон, ҳокими Хива бино шуд, вале сохтмони он поён наёфту манор ба сурати махрути ноқис бо қутри 14,8 метр ва иртифои 26 метр боқӣ монд.**



Қисмати аъзами сатҳи хориҷии ин бурҷ бо кошии луобидори фирӯзаранг пӯшида шуда ва боқии сатҳ бо кошиҳое ба рангҳои обӣ, сабз, сафеду қаҳваӣ зиннат ёфтааст. Вуруд ба дохили манора аз тариқи роҳрави кӯтоҳе, ки Мадрасаи Муҳаммад Аминхонро ба манор мепайвандад ва дар иртифои ҳудуди 5 метр аз сатҳи замин қарор дорад, анҷом мепазирад. Ин ду сохтмон дар наздикии Атадарвоза (Дарвозаи падар) қарор доранд. Дар ду тарафи хиёбоне, ки аз Атодарвоза оғоз мешавад, чандин мадраса ва масҷиди қадимӣ вуҷуд доранд. Ин роҳ, ки меҳвари аслии шаҳристон (қисмати марказии шаҳри Хива) мебошад, дар замони шӯравӣ кӯчаи Карл Маркс ном дошт.

Иртифои ин манор, ки мебоист баландтарин бурҷи Варорӯд гардад, ҳудуди ҳафтод метр дар назар гирифта шуда буд ва эҳтимолан иллати таваққуфи сохтмони он андешаи адами истоии чунин бурҷе бар рӯи замини сусти саҳроии Қарақум мебошад. Вале дар ин маврид ривоёти дигаре низ вуҷуд доранд, аз ҷумла ин ки андаруни ҳарами шоҳ аз диди муаззин масун набуда ва ё ин ки Амири Бухоро (рақиб) бо татмеъ меъморро аз идомаи кор боз доштааст. Марги Муҳаммад Аминхон низ дар канори ин далоил зикр мешавад. Ин хони сиюпанҷсолаи Хива, ки худро ҳамшаъни Носириддиншоҳи Эрон мепиндошт, ҳангоми лашкаркашӣ ба Сарахс кушта шуду сари ӯ ва чанд тан аз ақвомаш барои Носириддиншоҳ ба Теҳрон фиристода шуд. Ба дастури Носириддиншоҳ сарҳо бо эҳтиром шуста шуда ва дар пушти дарвозаи давлат ба хок супурда шуданд.

Перомуни қисмати болои манор ба шеъре форсӣ ороста шуда, вале дар ин ҷо низ монанди мавориди мушобеҳ аксари аҳолӣ ва ҳатто роҳнамоҳои гардишгарон онро матне ба арабӣ ва эҳтимолан ояе аз Қуръони Карим медонанд. Мояи таассуфи веҷа он аст, аксари мутлақи тоҷикони имрӯзии Варорӯд низ аз хондани ин катибаи шеърӣ, ки ба забони модариашон хаст, ба иллати фаромӯшӣ супурдани дабираи пурифтихори порсиашон, маҳруманд. Ин шеър моддаи таърихии сохтмони манорро дарбар дорад:

*Манори олии фархундабунёд,*
*Ки монандаш надида чашми афлок.*
*Иморат шуд ба амри шоҳи олам,*
*Зи ҷумла айбҳову нақсҳо пок.*
*Ба чашми ақл дар вақти намудаш*
*Шуда сарви саҳӣ монанди хошок.*
*Чу аз тӯбо биомад дилгушотар,*
*Ба ҷаннат кард назраш арсаи хок*
*Расида чун сутун бар тоқи гардун,*
*Зи васфаш қосир омад ақли даррок.*
*Аз ин дар огаҳе соли бинояш*
*Рақам карда сутуни тоқи афлок.*

Бо ҳуруфи абҷад «сутуни хоки афлок» баробари 1269 ҳиҷрӣ (1853 милодӣ), яъне ду сол пеш аз кушта шудани Муҳаммад Аминхон дар ҷанги Сарахс аст.

Шоёни зикр аст, ки биноҳои дигари таърихии шаҳри Хива низ бо матну шеърҳои форсӣ ороста шудаанд, ки аз ҷойгоҳи хосси забони форсӣ дар Амороти Хоразм то сарнагунии он ба дасти русҳо дар ибтидои садаи XX гувоҳӣ медиҳад.

**Умар САЪДӢ**

## МАВЛУДНОМА

### 13 ФЕВРАЛ

**Олга Астафева** (1955), 70-солагии зодрӯзи мусиқишинос.

**Муродалӣ Солеҳов** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатию ҷамъиятӣ.

### 14 ФЕВРАЛ

**Маъруф Раҷабӣ (**1955-2001), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, узви вобастаи АМИТ.

**Ҷӯрабой Янгибоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

### 15 ФЕВРАЛ

**Зоҳир Аҳрорӣ** (1930-2009), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Рамазон Мирзоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Раҳмонхӯҷа Мирзоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Неъматулло Неъматов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Эркинбой Ҳамидҷонов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 16 ФЕВРАЛ

**Қурбон Нарзуллоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи сароянда.

**Алиаҳмад Холов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Мирзосафари Шамсиддин** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист, нависанда.

### 17 ФЕВРАЛ

**Тағойназар Бақо** (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Шамсулло Саймиддинов** (1940-2005), 85-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Ҳадиса Қурбонова** (1940), 85-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон.

### 18 ФЕВРАЛ

**Сайдулло Абдуллоев** (1945-2002), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Бароталӣ Муродов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ҳасани Гулзод** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Инна Филимонова** (1920), 105-солагии зодрӯзи кинодраматург, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муаззам Холматов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Дина Чедия** (1925-1992), 100-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор.

### 19 ФЕВРАЛ

**Қаюм Самадов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Ҳафизулло Урунов** (1910-1971), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиноснomai техникӣ ба номи Ғафурова Махтовби Маҳмадовна, бо суроғаи н. Варзоб, ҷамоати Чорбоғ, деҳаи Гулбоғ (Тойқара), ҷамъияти Боғдории Бинокор, санаи 03.02.2011, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Буданаев Шобудин Ҷалолович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, 1 гузаргоҳи кӯчаи А. Шукуҳӣ, уч. 81, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (Кассовый аппарат)-и ҶДММ "ТАДЖ МОТОРС", РМА: 040032997, РЯМ: 0410013698, суроға: Ҳувайдуллоев 6 - 214, 337/1, рақами ДНХ: 209044, санаи бақайдгирӣ 08.04.2014, ки дар Нозироти андози андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи аз 2/5 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти Л.А1.1/хп таҳти феҳрасти 8Ш-2356, ки аз 16.07.2018 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Синои шаҳри Душанбе ба номи Шарипова Фируза Мехназаровна бо суроғаи ш. Душанбе, 1-ум гузаргоҳи Борбад, хонаи рақами 5 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0262411, рақами қайд №33228, ба номи Маҳмадов Муслиҳиддин Зиёвидинович, ки соли 2023 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Мирзоев Орзубек Ғуломалиевич, ки моҳи сентябри соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи аграрӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэъибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Қурбонов Али, РЯМ: 0730228400, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиноснomai техникӣ ба номи Миралиев Орзу Субҳонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 88, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Шамсидинов Ҳоҷимурод, РЯМ: 0730227163, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба номи Муродов Сухроб, РЯМ: 0730133727, ки дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Солиев Талбак, РЯМ: 0730216383, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттетстати 9 А615953 ба номи Егоров Олег Анатольевич, ки соли 1992 аз ҷониби МТМУ №56-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Ҳасанова Мавҷуда, РЯМ: 0730118804, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавии №003630 ба номи Ашуров Ҳафиз Азизович, ки аз 30.08.2004 аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Абдиев Рустам, РЯМ: 0730032683, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Атоев Дилшод, РЯМ: 0730196656, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Бердиев Умедҷон, РЯМ: 0730141143, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Солиев Аъзамҷон, РЯМ: 0730075592, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи хоҷагии деҳқонии Ҷамолиддин-2016, РЯМ: 07301509600, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттетстати синфи 11 Т-ШТУ №0146110 ба номи Бобокалонова Соро Аслитдиновна, ки соли 2008 аз Гимназияи №9 ба номи А. Ғуломови ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Шируши Аҳлиддин", №0269568, РЯМ: 0410043783, РМА: 040066445, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Нуракиен», РЯМ: 3310003272, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Намояндагии ҶДММ "Мератрейд Лимитед", №0266080, РЯМ: 0220001779, РМА: 020044266, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Санҷар сохтмон", РЯМ: 0710011262, РМА: 0700018328, ки аз 27.08.2022 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Хушвакт", РЯМ: 0710003315, РМА: 070003633, ки аз 29.12.2000 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



ҚАДРШИНОСӢ

## БА 46 ВАРЗИШГАРУ МУРАББӢ 1,7 МИЛЛИОН СОМОНӢ МАБЛАҒ ҶУДО ШУД

**Бо мақсади ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.**

Мувофиқи ин амр Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукофотонидани 46 ғолиб ва ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо тибқи рӯйхати замимагардида 1 787 500 (як миллиону ҳафтсаду ҳаштоду ҳафт ҳазору панҷсад) сомонӣ ҷудо кунад.




ФУТБОЛ

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН БО ШИРКАТИ 12 ДАСТА 7-УМИ МАРТ ШУРУЪ МЕШАВАД

**Як моҳ қабл аз оғози мавсими нав маросими қуръакашии тақвими бозиҳои Чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуд.**

Дар мавсими 34-уми Чемпионати Тоҷикистон, ки 7-уми март оғоз мешавад, 12 даста ширкат мекунанд. Мавсими нави чемпионати Тоҷикистон дар ду марҳила баргузор мешавад. Дар умум, то охири мавсим ҳар бошгоҳ дар мусобиқа 22 вохӯрӣ мегузаронад. Дастае, ки дар мавсими 2025 дар Лигаи олӣ мақоми охиринро ишғол мекунад, ба Лигаи якум меравад ва дастае, ки ҷойи ёздаҳумро мегирад, барои дар Лигаи олӣ мондан бо барандаи медали нуқраи Лигаи якуми Тоҷикистон-2025 қувва месанҷад.




«Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), КМВА (Душанбе), «Баркчӣ» (Ҳисор), «Истиқлол» (Душанбе), «Вахш» (Бохтар), «Равшан» (Кӯлоб), «Истаравшан» (Истаравшан), «Эсхата» (Хуҷанд), «Хуҷанд» (Хуҷанд), «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода), «Ҳосилот» (Фархор), «Хулбук» (Восеъ) дастаҳои Лигаи олии футболи Тоҷикистон ҳастанд.

Дар даври якум «Панҷшер» бо «Хулбук», КМВА бо «Ҳосилот», «Баркчӣ» бо «Регар-ТадАЗ», «Истиқлол» бо «Хуҷанд», «Вахш» бо «Эсхата», «Равшан» бо «Истаравшан» бозӣ мекунанд.

БОЗИҲОИ ЗИМИСТОНАИ ОСИЁ

## НОКОМИИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАРБИНИ ЧИН

**8-уми феврал дар шаҳри Ҳарбини Чин нуҳумин Бозиҳои зимистонаи Осиёӣ оғоз шуд, ки варзишгарони тоҷик дар намуди лижаронии кӯҳӣ ширкат карданд.**

Дар бозиҳо варзишгарони тоҷик Икромиддин Абдуллозода, Маҳмадраҷаб Холиқов, Саидашраф Эшонов ва Маъруфҷони Миралӣ аз рӯйи намуди варзиши лижаронии кӯҳӣ зери роҳнамоии мураббӣ Илҳомиддин Абдуллоев дар рӯзи дуюми мусобиқа ширкат карданд.

Аз миёни 58 варзишгар дар лижаронии кӯҳӣ тоҷикистониҳо дар кӯшиши якум 36, 39, 40 ва 43-юм ва дар кӯшиши дуюм 32, 34, 35 ва 37-ум шуда ба марра расиданд.

Медали тило насиби варзишгари 23-солаи ҷопонӣ Такаюкӣ Кояма бо нишондоди 43.29 сония гардид. Медали нуқраро намояндаи Куриёи Ҷанубӣ Ҷунг Донгён бо нишондоди 44,08 сония соҳиб шуд. Медали биринҷиро Парк Юн низ аз Куриёи Ҷанубӣ бо нишондоди 44.33 сония соҳиб шуд.




Ҳамин тавр, варзишгарони тоҷик бидуни медал 9-умин Бозиҳои зимистонаи Осиёиро дар Ҳарбин ба анҷом расониданд.

БОКС

## ШИКАСТИ МУШТЗАНИ ТОҶИК ШАВКАТ РАҲИМОВ АЗ ҶАСТИН ПАУЛДОИ АМРИКОӢ

**Дар доираи ҷорабинии Pro Box TV дар “Boeing Center at Tech Port”-и шаҳри Сан-Антониои Техаси Амрико муштзани тоҷик Шавкат Раҳимов (17-3-1) бо Ҷастин Паулдо (18-2) аз Амрико рақобат кард.**

Мубориза дар вазни сабук баргузор шуда, барои даҳ раунд пешбинӣ шуда буд. Собиқ чемпиони IBF дар вазни сабук Шавкат Раҳимов аз Ҷастин Паулдо дар даври ҳаштум тарики нокаут шикаст хӯрд. Ӯро баъд аз набард ба беморхона интиқол доданд. Хунрезии мағзӣ доштааст, аммо ба ҳаёташ хатар надоштааст.



Ҷастин баъд аз ин пирӯзӣ ғалабаи 18-умро дар корномааш ба даст овард.

Ин шикасти сеюм дар корномаи касбии Раҳимови 30-сола буд. Ҳоло ӯ 17 пирӯзӣ (аз ҷумла 14 ғалабаи пеш аз мӯҳлат), се бохт ва як мусовӣ дорад.

Охирин рақобати Шавкат Раҳимов бо Эдуардо Нунеси мексикоӣ барои дарёфти унвони чемпионӣ аз рӯи версияи IBF дар вазни 58,9 кг дар шаҳри Душанбе дар доираи мусобиқаи “Шоми бокс” соли гузашта баргузор шуда буд. Раҳимов дар раунди 11-ум тарики нокаути техникӣ аз Эдуардо Нунйес мағлуб шуда буд.

РЕЗААХБОР




Мутахассиси эронӣ Амин Субҳонӣ сармураббии дастаи «Ҳосилот»-и ноҳияи Фархор, ки дар Лигаи олии Чемпионати Тоҷикистон ширкат мекунад, таъйин шудааст. Мураббии 45-сола пештар низ дар ин даста кор карда буд. Амин Субҳонӣ ҳамчун мураббӣ дар дастаҳои КМВА ва «Равшан» низ фаъолият кардааст.

***

Дар бозии марказии даври 14-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон “Соро компания” бо ҳисоби 3:2 “Сипар”-ро шикаст дод. Дар бозиҳои дигари даври 14-ум “Истаравшан” бо ҳисоби 19:1 “Хуҷанд”-ро мағлуб кард. “Амонатбонк” бо ҳисоби 4:1 бар “Сомон” зафар ёфт. “Истиқлол” бо ҳисоби 8:1 муқобили “Регар” ғалаба кард.

***

Футболбози 32-сола Дэвид Мавутор аз дастаи «Равшан» ба ҳайати «Хуҷанд» ҳамроҳ шуд. Ӯ таҷрибаи бозӣ дар дастаҳои «Равшан», «Истиқлол», «Жетису», «Висла», «Оқсу», «Турон», «Шахтёр», «Негерӣ Сембилан»-ро дорад. Дар ҳамин ҳол, «Равшан» бо ду футболбози африқоӣ - Одрӣ Йола Зепаттаи 25-сола аз Камерун ва нимҳимоятгари марказии 25-сола Олувасеун Микел Бадеҷо аз Ничерия шартномаи ҳамкорӣ имзо кард.

***

Мутахассиси тоҷик Бахтиёр Ҳакимов сармураббии дастаи “Панҷшер”-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ таъин гардид. Қарордоди ҳамкорӣ бо Ҳакимов то охири мавсими имсола имзо шудааст. Ҳамчунин, дар сурати натиҷаи дилхоҳ нишон додани ситоди мураббиён қарордод дароз карда мешавад. «Панҷшер» дар Лигаи олии Чемпионати Тоҷикистон бозӣ мекунад.

***

Бозиҳои даври аввали марҳилаи ниҳоии Ҷоми ФФТ-2025 баргузор шуданд. Дастаи “Истиқлол” дар бозии аввал бар “Сомон” ғолиб омад. Ин бозӣ бо натиҷаи 3:1 ба охир расид. Дастаи «Саразм» бо «Регар-ТадАЗ» мусовӣ (1:1) кард. КМВА ва «Панҷшер» низ бо ҳамин ҳисоб мусовӣ карданд. «Ҳосилот» бар «Мастчоҳ» бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд.




## 80-СОЛА

Пиразане назди табиб меояд:
- Духтур, як поям дард мекунад.
Духтур:
- Охир, бибичон, шумо 80-сола шудед.
Пиразан:
- Пойи дигарам низ 80-сола аст ку!

## "КАРСЕР"

Собиқ маҳбасӣ барои харидани яхдон ба мағоза меравад. Фурӯшанда:
- Ана ин яхдони дукамерағӣ аст. Дар яктояш ҳарорат сард, дар дигараш сардтар аст.
Маҳбасӣ мегӯяд:
- Мисли "карсер" (камераи ҷазо) будааст ку!

## ГЕНЕРАЛ

Аскари қаторӣ ҳангоми гаштугузор бо генерал рӯ ба рӯ мешавад. Аскар дарҳол салом медиҳад:
- Ба шумо саломатии бардавом, рафиқ майор!
Генерал ҳайрон шуда, мегӯяд:
- Чӣ хел ман майор? Намебинӣ, ки дар сари нишонам лентаву гулчанбар аз барги шоҳбулут аст?
Аскар оҳи сабук кашида, мегӯяд:
- Эҳ тарсондӣ, амаки чангалбон...

## ЧОРМАҒЗ

Марде барои майнӯшӣ ба ошхона медарояд. Пешхизмат:
- Ба шумо чой ё қаҳва?
Мард:
- Ягон чизи сахттар нест?
Пешхизмат:
- Чормағз дорем.

## ФАРҚИЯТ

Фарқи шоири чаққон аз шоири танбал:
Шоири чаққон:
- Ба думболат равам, ҳар ҷо ки равӣ.
Шоири танбал:
- Сари роҳат нишинам, то биёӣ.

## ДӮСТДОРӢ

Аз оқиле пурсиданд:
- Оё як мард якбора ду занро дӯст дошта метавонад?
Оқил дар ҷавоб мегӯяд:
- Дӯст дошта наметавонад, вале фиреб карда метавонад.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## ҚАДРИ ЗАН

- Арзиши занҳо ин қадар баланд аст, ки қалин сол ба сол боло меравад?,- пурсид зангире аз Мундонӣ.
Мундонии пуртаҷриба гуфт:
- Арзиши воқеии занро вақти оиладоршавӣ на, балки вақти ҷудошавӣ мефаҳмӣ.
- Чӣ хел?,- ҳайратзада пурсид он нафар.
Мундонӣ бо табассум гуфт:
- Вақте мефаҳмӣ, ки нисфи дороиҳои ту низ аз ӯ будааст.

## ДАРД - МЕҲМОНИ ХИРА

Мундонӣ ба аёдати дӯсте рафт, ки чанде пеш бемор шуда буд. Аз субҳ то шом пахлуяш нишаста, аз даврони ҷавонӣ то имрӯзро ёд карда, дилбародирикунон гуфт:
- Он қадар дилозурда нашав. Дард меҳмон мегӯянд. Меояду меравад.
- Ин меҳмони мегуфтаат аз ту ҳам хиратар будааст. Ният рафтан надорад,- посух дод бемор.

## БАЪД МЕБИНӢ...

Ҷавони зангире аз Мундонӣ пурсид:
- Рост аст, ки солҳои пеш домод чеҳраи арӯсро баъди ба хона овардан медид?
- Дар ҳар давру замон чунин,- гуфт Мундонӣ.- Ҳоло ту ҳам чеҳраи воқеии арӯсро баъди чанд рӯзи ба хона омаданаш мебинӣ.

## ДУЗДИ ДОНО

Мундонӣ аз маҳбусе, ки бо чурми дуздӣ нишаста, озод шуд, пурсид:
- Чӣ дуздидӣ, ки 3 сол пушти панҷара рафтӣ?
- Нодон будаам, нодон, ҳазратам. Ҳамагӣ як телефон дуздида, 3 сол нишастам,- гуфт ва илова кард,- лекин аз маҳбас доно шуда баромадам, доно.
- Эҳе, ин дуздӣ ҳам доногиву нодонӣ дорад?,- бо кунҷковӣ суол кард Мундонӣ.
Ӯ посух дод:
- Бале, дузди беақл мисли ман фақат ин ё он ашёро аз дӯкон медуздад ва пушти панҷара меравад. Дузди доно тамоми дӯконро аз худ мекунад, вале дастгир намешавад.

## ... ЗӮРИ НАҲАНГ ҲАМ НАМЕРАСАД

Дар маҳфиле хеле шӯхиҳо кардем. Баъд аз маҳфил Зохиршо ба ман муроҷиат карда, гуфт:
- Акоҷун, дурӯғ зиёд гуфтеду гуноҳ содир кардед. Акнун як кило моҳибирён харед, якҷоя хӯрем, гуноҳҳоятон пок шавад.
Мундонӣ, ки он ҷо буд, гуфт:
- Гуноҳҳои ҳазратам он қадар зиёд шуда, ки дигар наҳанг хӯранд ҳам, пок намешаванд.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

